آوازتاجیک
*Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад*

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

*Бани одам аъзои якдигаранд!*

# Овози тоҷик

24 майи соли 2025
Шанбе
№ 42 (15157)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# ӮЗБЕКИСТОН ВА СЛОВЕНИЯ БА ДАВРАИ НАВИ ҲАМКОРИИ БИСЁРҶАНБА ВОРИД МЕШАВАНД

***Коршиносони хориҷӣ дар бораи натиҷаҳои сафари нахустини Президенти Ӯзбекистон тӯли 20 соли охир ба Словения***

Сафари расмии Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба Словения, ки 21-22 майи соли 2025 ба вуқӯъ пайваст, иқдоми муҳиме дар рушди муносибатҳои дуҷониба гардид, ки то ба наздикӣ, бо вуҷуди имкониятҳои зиёд барои ҳамкорӣ, ба назар намерасиданд.

Гуфтушунидҳо дар сатҳи олӣ омодагии ҳар ду ҷонибро нафақат ба мулоқоти махсуси сиёсӣ, балки фаъолтар кардани робитаҳои иқтисодӣ, сармоявӣ ва инсонпарварӣ намоиш доданд. Ҳуҷҷатҳо ва муоҳидаҳои имзошуда аз саъю кӯшишҳои Тошканд ва Люблян бобати ба дараҷаи сифатан нав бардоштани муносибатҳо, ки ба татбиқ сохтани лоиҳа ва ташаббусҳои дарозмӯҳлат нигаронида шудаанд, шаҳодат медиҳанд.

Расонаҳои ахбори оммавии Словения дар арафа ва рӯзҳои баргузории ҳамоиши ӯзбекистониву словенӣ ташрифи сарвари давлати моро васеъ равшан карданд ва дар бораи рушду пешомадҳои ҳамкориҳои дуҷониба фаъолона хабар доданд.

Аз ҷумла, дар арафаи сафар **нашрияи пешбари иттилоотии «Slovenia Times»** мақолаеро интишор намуд, ки дар он нуқтаи назари стратегии ҳамкориҳои тарафайни минбаъда баён ёфтаанд, ҳамчунин доир ба иқтидори кишвари мо маълумот дода мешавад.

Дар мақола таъкид мегардад, ки ҳоло Ӯзбекистон даврони таърихии ислоҳоти демократӣ, сиёсӣ ва иқтисодиро таҳти сарварии Президент Шавкат Мирзиёев аз сар мегузаронад. Мамлакат худро ба сифати кишвари пешқадами минтақа, шарики боэътимоду муътамади байналхалқӣ муаррифӣ мекунад, ки бо дарназардошти манфиатҳо ва эҳтироми тарафайн дар сатҳи ҷаҳонӣ ҳамкорӣ менамояд.

«Ӯзбекистон ва Словения омода ҳастанд ба даврони нав ҳамчун шарикони бисёрҷанбаи стратегӣ ворид шаванд, – қайд мегардад дар мақола. – Ба шарофати мубодилаи рӯзафзуни мол, вусъат пайдо кардани ҳамкориҳои тарафайни сармоявӣ, мулоқоти фаъоли сиёсӣ ва рағбати зиёди ҷонибҳо пойдевор барои шарикии дарозмуҳлат ва бисёрҷанба мустаҳкам мешавад».

Дар навбати худ, баҳои коршиносон низ рағбати рӯзафзуни Словенияро ба Осиёи Марказӣ, ҳамчунин муносибати стратегии Ӯзбекистон ба диверсификатсияи шарикӣ дар Аврупоро тасдиқ менамояд. Таҳлилгарон таъкид мекунанд, ки сафар метавонад нуқтаи гардиш барои беш аз пеш муътадил ва амиқтар шудани кооператсияи байни ду мамлакат гардад.

**Директори Маркази омӯзиши амнияти энергетикии Донишгоҳи Жэнмин Лю Сюи (ҶМЧ):**

– Сафари мазкур аҳамияти таърихӣ дорад ва давраи нави мустаҳкам шудани робитаҳои Ӯзбекистон бо Аврупоро нишон медиҳад. Пеш аз ҳама, он санад нодир аст, ки ташриф дар соли таҷлили 30-юмин солгарди истиқрори муносибатҳои дипломатии ӯзбекистониву словенӣ баргузор мегардад.

Алҳол мо мушоҳида мекунем, ки муносибати Ӯзбекистон бо давлатҳои Аврупо ва аъзои Иттиҳоди Аврупо фаъолтар мегардад. Ба қарибӣ Самарқанд ҳамоиши нахустини сарони ҷамъомади «Осиёи Марказӣ – Иттиҳоди Аврупо»-ро қабул кард.

Бинобар ин, пурзӯр гардидани ҳамкориҳои тарафайн бо Аврупои Марказӣ ва Шимолу Ғарбии Балкан дар симои Люблян, ки низ узви Иттиҳоди Аврупо ба шумор меравад, ба манфиатҳои сиёсати хориҷии Тошканд пурра ҷавобгӯ мебошад.

Алҳол дар шароити номафҳум мондани муносибатҳои кунунии байналхалқӣ ва афзудани маҳдудиятҳои тиҷоратӣ ҳар ду мамлакат маҷбуранд бозорҳои нави фурӯши маҳсулоти истеҳсолкардаи худро дарёбанд.

Аз ин нуқтаи назар Ӯзбекистон таҳти сарварии Президент Шавкат Мирзиёев ба сифати муҳаррики Осиёи Марказӣ барои барқарор намудани робитаҳои мустаҳками тиҷоративу нақлиётӣ бо тамоми минтақаҳои ҷаҳон, аз ҷумла Аврупо, аз он ҷумла Словения низ саъй менамояд.

Бидуни шубҳа, сафар нафақат дар рушди ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ, балки бобати вусъат додани мубодилаи фарҳангиву инсонпарварӣ қадами муҳим хоҳад шуд, ки ҷузви асосии шарикии пойдор ва барои ҷонибҳо муфид ба шумор меравад.

Сармоя ва технологияҳои аврупоӣ, аз он ҷумла аз Словения, бобати рушди бозсозии иқтисодиёти Ӯзбекистон нақш мебозанд, ба пешрафти некуҳолии халқ ва таҳкими эътидоли минтақа мусоидат мекунанд.

Коршиносони чинӣ бовар доранд, ки ин чорабиниҳо ба рушди иқтисодии нафақат Ӯзбекистон, балки тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ таъсири мусбат мерасонад.

**Директори Маркази тадқиқоти минтақавии Донишгоҳи Пешовар, профессор Шабир Аҳмад Хон (Покистон):**

– Вохӯрии роҳбарон дар Люблян нафақат аз нуқтаи назари муносибати ду мамлакат, балки аз нуқтаи назари равандҳои геоиқтисодии фазои васеи Авроосиё воқеаи муҳим ба шумор меравад.

Ман ба сифати коршиноси мустақил ба ин гуфтушунидҳои сатҳи олӣ, ки пас аз 20 соли танаффус баргузор шуд, ҳамчун натиҷаи самарабахшу дурандешонаи сиёсати хориҷии Ӯзбекистон баҳо медиҳам.

Сиёсати Президент Шавкат Мирзиёев оид ба таҳкими минбаъдаи муносибатҳо бо Словения ва умуман бо кишварҳои Иттиҳоди Аврупо, ташаббусҳои ӯ бобати ба роҳ мондани ҳамкориҳои муфиди тарафайн дар пояи самт ва лоиҳаҳои дақиқ дар соҳаҳои технологияҳои замонавӣ, доруворӣ, кооператсияи саноатӣ, таълим сазовори эътибори махсус мебошанд.

Ӯзбекистони кунуниро метавон муҳаррике гуфт, ки қаробати байни минтақавиро фаъолона пеш мебарад. Ташаббусҳои мамлакат бобати ворид шудан ба бозорҳои Аврупо аз тариқи бандари Копери Словения ба минбаъд амиқсозии қаробати Осиёи Марказӣ бо Иттиҳоди Аврупо дар соҳаҳои нақлиёт, савдо ва инфрасохтор мусоидат хоҳанд кард.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

# БА ПИСАРОНУ ДУХТАРОНИ ХАТМКУНАНДАИ МАКТАБҲОИ МАМЛАКАТАМОН

*Фарзандони қадрдони ман!*

*Пеш аз ҳама, Шумо азизонро бо рӯйдоди фараҳбахшу фаромӯшнашавандаи ҳаётатон – хатми бомуваффақияти таҳсили мактаб, гирифтани шаҳодатномаи камолот ва қадам ниҳоданатон ба ҳаёти мустақилона самимона табрику муборакбод мегӯям.*

*Дар ин айёми фархунда дар беш аз 10 ҳазор мактаби мамлакатамон бо иштироки омӯзгорони меҳрубон, падару модарони муҳтарам "занги охир" садо дода, ба шарафи беш аз 450 ҳазор ҷавонони хатмкунанда суханҳои нек иброз мегарданд.*

*Мо ҳам ба ин гуфторҳо аз таҳти дил ҳамроҳ шуда, ба писарону духтароне, ки бо орзую умедҳои калон барои ояндa нақшаҳо мекашанд, дар татбиқи онҳо нерую тавоноии бузург ва омаду комёбиҳо таманно мекунем.*

*Бахусус, ба беш аз 11500 нафар фарзандонамон, ки мактабро бо медали тилло хатм мекунанд ва 2000 нафар соҳибони медалҳои нуқра, барои он ки дар таҳсилу азхудкунии дониш ва корҳои ҷамъиятӣ ҳамеша барои ҳамсолонашон ибрат ва намуна буданд, табрику таҳнияти ҷудогонаи худро баён мекунем.*

*Ҷавонони хатмкунандаи азиз!*

*Имрӯз мо дар роҳи расидан ба мақсадҳои бузурге, ки дар назди худ гузоштаем, дар қатори тамоми мардум, ба ҷавонони заковатманд, боҳунар, соҳибкор, ватандӯст ва ҳамаҷониба баркамол такя мекунем.*

*Мо барои ҷиҳати бунёди Ӯзбекистони Нав ҳамчун неруи бузурги созанда иштирок кардани насли наврас – соҳибони ояндаи мо шароити зарурииро фароҳам менамоем. Аз ҷумла, барои амиқ азхуд кардани илм ва касбу ҳунарҳои муосир, якҷоя бо забони модарӣ омӯхтани забонҳои хориҷӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва инноватсионӣ, соҳаҳои гуногуни эҷод ва соҳибкорӣ, ҳоло 201 муассисаи таҳсилоти олӣ, 598 техникум, мономарказ ва паркҳои технологӣ, китобхонаҳо, муассисаҳои фарҳанг, санъат ва варзиш фаъолияти босамар доранд.*

*Бо мақсади афзунсозии сифат ва натиҷадории корҳои таълимию тарбиявӣ дар тамоми зинаҳои таълим, васеъ намудани имкониятҳои интихоби ҷавонони хатмкунанда система ва барномаҳо, платформаҳои электронии нав ба нав ба кор андохта мешаванд.*

*Бовар дорам, ки шумо аз чунин имкониятҳои бузург оқилона истифода бурда, ҳар як дақиқаи чун тилло арзишманди ҷавонии худро қадр карда, дар оянда чун кадрҳои баркамол, инсонҳои бохираду оличаноб истиқлолияти Ватанамон, манфиатҳои халқу диёрамонро дар тамоми соҳаҳо далерона ҳифз мекунед, ба мардум аз таҳти дил хидмат менамоед.*

*Ҳеҷ гоҳ фаромӯш накунед, ки инсон барои дар зиндагӣ ҷои сазовор пайдо кардан, ба эҳтиром ва эътибори халқу диёр ноил шудан, бояд арзишҳои миллӣ ва умумибашариро аз бар намояд, пайваста ба пеш сайъ кунад ва ҳаргиз аз ҷустуҷӯву омӯхтан даст накашад.*

***Меҳнати ҳалол ва софдилона, садоқат ба дониш, касб, падару модар ва оила, бешубҳа, инсонро боло мебардорад, ҳаёти ӯро пурфайзу дурахшон менамояд.***

*Бахусус, шумо барин ҷавонони далер, боазму шуҷоатро он чиз зебанда аст, ки аз замони пуршиддат ибрат гирифта, ҳар рӯз ба натиҷаи муайян ноил шавед, иродаи худро дар санҷишҳо обутоб дода, танҳо ва танҳо ба пеш ҳаракат кунед.*

*Итминон дорам, ки ғоя ва ташаббусҳои нави Шумо, дастовардҳоятон дар соҳаҳои гуногун дар бунёди пояҳои моддию маънавие, ки Ӯзбекистони Навро боз ҳам тавонотар мегардонад, чун саҳми бебаҳо ҳамроҳ мешавад.*

*Аз Шумо, ҷавонони қавиирода, ки ба неруи худ эътимод доред, мактаби қадрдон, устодон ва падару модарони азизатон, тамоми халқи мо танҳо амалҳои нек ва натиҷаҳои дурахшонро интизоранд.*

*Ҳамеша ба чунин боварии бузург сазовор бошед!*

*Ҳеҷ гоҳ аз талош, ҷустуҷӯ ва эҷоди чизҳои нав хаста нашавед!*

*Қадамҳои аввалини шумо ба сӯи ҳаёти мустақил муборак бошад, писарону духтарони азизам!*

***Шавкат МИРЗИЁЕВ,***
***Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон***

*Дар ноҳияи Мирзочӯли вилояти Ҷиззах ба хидматчиёни ҳарбии сарҳадӣ ва оилаҳои онҳо калиди 20-то хонадон супурда шуд.*

*Дар чорабинии ботантана иштирокдорон соҳибони хонадонҳоро самимона табрик намуда, оиди салоҳияти артиши миллӣ, ислоҳоти нави дастгирии ҳарбиён ҳарф заданд.*

*– Аз шароите, ки барои ҳарбиён фароҳам намудаанд, мамнун ҳастем, – мегӯяд хидматчии ҳарбии сарҳадии Хидмати амнияти давлатӣ Бувохон Носиров. – Чунин эътибор ва ғамхорӣ масъулияти моро боз ҳам зиёд мегардонад. Дар ҳифзи сарҳади Ватан нирӯ ва шуҷоатамонро дареғ намедорем.*

*Ҳамон рӯз дар шаҳрчаи ҳарбиён бинои маъмурӣ, хобгоҳ, хонаи маънавият, ошхона, толори варзишӣ, дукони савдо, истгоҳи автомобилҳо низ ба истифода супурда шуд.*

*Ба шаҳрча баҳри сарфакорона истифода бурдан аз неруи барқ панелҳои офтобии дорои иқтидори 30 кВт гузошта шудаанд.*

***Суратгир: Ҷ. ЁРБЕКОВ. ЎзА.***



# ИМКОНИЯТҲОИ ВАСЕЪ БАРОИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ МАДАНИЯТИ ЭКОЛОГӢ

***Мубориза бо мушкилоти глобалии экологӣ ва коҳиш додани хатару таъсири манфии онҳо тақозо мекунад, ки ба ин масъала муносибат низомнок ва бо андешаи ҳамоҳангии инсон ва табиат сурат гирад.***

Қарор «Дар бораи тасдиқи Консепсияи баланд бардоштани маданияти экологии аҳолӣ то соли 2030», ки аз ҷониби Президенти мамлакатамон ба имзо расид, ҳуҷҷати муҳими таърихӣ буда, ба ҳифзи муҳити зист ва экология дар кишварамон равона шудааст.

Тибқи ин қарор Консепсияи баланд бардоштани маданияти экологии аҳолӣ то соли 2030 тасдиқ гардид.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

# ДАР ФОРУМИ СОҲИБКОРИИ ӮЗБЕКИСТОН ВА ЧИН НАМОЯНДАГОНИ БЕШ АЗ 100 ШИРКАТИ ЧИНӢ ИШТИРОК НАМУДАНД

***Дар сафорати Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар шаҳри Пекин бахшида ба имкониятҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ, сармоягузорӣ ва сайёҳии Ӯзбекистон тақдимот баргузор гардид.***

Дар чорабинӣ намояндагони беш аз 100 ширкати чинӣ, ки дар соҳаҳои савдо, саноат, кишоварзӣ, технологияҳои рақамӣ, таълим, сохтмон ва ғайра фаъолият мебаранд, иштирок карданд.

Дар рафти муаррифӣ оид ба имкониятҳои иқтисодӣ ва сармоягузории минтақаҳои Ӯзбекистон, шароите, ки барои сармоягузорони хориҷӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва саноатӣ фароҳам оварда шудаанд, имтиёзҳои андозию гумрукӣ ва дигар бартариҳо, инчунин лоиҳаҳои нави сармоягузории пешомаднок маълумот пешниҳод гардиданд.

Иштирокчиён фикру андешаҳои худро оид ба афзалиятҳои соҳибкорӣ дар Ӯзбекистон баён намуда, ба саволҳояшон ҷавобҳои муфассал гирифтанд.

Дар ҷараёни чорабинӣ наворҳо дар бораи имкониятҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ, сармоягузорӣ ва сайёҳии кишвари мо намоиш дода шуд. Ҳамчунин, гуфтушунидҳо бо намояндагони ширкатҳои чинӣ дар форматҳои «B2B» ва «G2B» баргузор гардиданд.

Дар мусоҳиба бо хабарнигори агентии иттилоотии «Дунё» баъзе иштирокчиён андешаву назарҳои худро баён карданд.

**Ван ПИН, директори генералии ширкати «Henan Automobile Company»:**

— Имрӯз мо дар форуми соҳибкорӣ, ки аз ҷониби Сафорати Ӯзбекистон дар шаҳри Пекин ташкил гардид, иштирок кардем.

Дар ин ҷо мо имкони гирифтани маълумоти муфассалро дар бораи имкониятҳои тиҷоратӣ, иқтисодӣ ва сармоягузории кишвари шумо пайдо кардем. Мо аз шароите, ки барои сармоягузорони чинӣ фароҳам оварда шудаанд, қаноатмандем.

Ширкати мо ба истеҳсоли қисмҳои эҳтиётии автомобил машғул аст. Мо инчунин хидматрасониҳои коркарди механикиро пешниҳод мекунем. Бо шарофати коркарди механикӣ, маҳсулот метавонад дар шакли тайёр истеҳсол шуда, мустақиман ба истеъмолкунандагон ирсол карда шавад.

Умедворем, ки дар оянда бо Ӯзбекистон дар соҳаи истеҳсоли қисмҳои эҳтиётии автомобил ҳамкорӣ менамоем.

**Ху ЧУНСЗИН, намояндаи ширкати чинии истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ:**

— Ман шодам, ки дар ин чорабинӣ иштирок кардам. Мо бо мақсади шиносоӣ бо муҳити соҳибкории Ӯзбекистон ва ёфтани шарикони нави тиҷоратӣ ба ин ҷо омадем.

Ширкати мо асосан ба истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ва таҷҳизоти марбут ба он машғул аст. Дар ҷараёни музокироти имрӯза имконияти татбиқи лоиҳаҳои мутақобилан судмандро баррасӣ намудем.

Мо омодаем, ки тавассути ҳамкорӣ дар таҳкими муносибатҳои дӯстонаи байни кишварҳоямон саҳмгузор бошем.

**АИ «Дунё»,**
*ПЕКИН.*

*Имрӯз дар тамоми мактабҳои миёнаи таҳсилоти ҳамагонӣ занги охир садо дод. Хонандагони синфҳои 9-11 бо мактаби азиз, муаллимон, ҳамсинфон хайрбод гуфта, ба ҳаёти мустақилона, ки онҳоро шебу фарози зиндагӣ интизор аст, қадами аввалинро гузоштанд. Шоир барҳақ фармудааст:*



*Занги охир бурд моро ҳар куҷо аз ҳам ҷудо,*
*То ҳанӯзам гиряи занги ҷудоӣ дар дил аст.*
*Баъд аз ин бо даъвати зангӯла ҳатто лаҳзае,*
*Назди мактабхона моро ҷамъ кардан мушкил аст.*

***

*Бонги занги охирин оҳиста шав,*
*Бо садои зиндагӣ пайваста шав.*
*Бо садои беғубори кӯдакӣ,*
*Бо садои тобдори зиндагӣ.*
*Алвидоъ, эй панҷу чори кӯдакӣ,*
*Хайрамакдам, панҷу чори зиндагӣ.*
*Рост кардӣ каҷмакаҷ хатҳои ман,*
*То нависам рост таърихи Ватан...*

# ЎЗБЕКИСТОН ВА СЛОВЕНИЯ БА ДАВРАИ НАВИ ҲАМКОРИИ БИСЁРҶАНБА ВОРИД МЕШАВАНД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Ҳамкориҳои мунтазаму муташаккил дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ низ имкон медиҳанд аз бартариҳои демографии мамлакат самарабахш истифода бурда шавад, маҳаки тайёр кардани қувваҳои корӣ ба меъёрҳои бозору байналхалқии меҳнат ба миён ояд, сифати тайёркунии кадрҳо баланд бардошта шавад. Дар Покистон низ ба омӯхтани таҷриба ва амалияи пешқадами соҳаи мазкур рағбати зиёд дода мешавад.

Ҳамкорӣ дар соҳаҳои илму таълим, анҷуманҳои ҷавонон ва барномаҳои муштараки таълимӣ аз саъю кӯшишҳои тарафайни ду кишвар бобати инкишоф додани «дипломатияи зеҳнӣ» шаҳодат медиҳанд. Ҳамин тариқ бо истифода аз сармояи инсонӣ асоси мустаҳкам барои муносибатҳои дарозмуҳлати байни ду мамлакат фароҳам оварда мешавад.

Ҳамкориҳои байни Ўзбекистон ва Словения натиҷаи манфиатҳои тарафайни ду кишвар, садоқати онҳо ба эътидоли минтақавӣ ва шарикии байналхалқӣ ба шумор меравад.

Ин муносибатҳоро эътимоди тарафайни байни Аврупо ва Осиёи Марказӣ дар оянда беш аз пеш мустаҳкам менамояд, ки боиси рушди ҳарчи зудтари ҳамкориҳои муътадил, самарабахш ва мувофиқи мақсад мегардад.

**Корманди илмии Донишкадаи фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Виктор КИМ:**

– Идомати сафари аврупоии сарвари Ўзбекистон ва ташрифи ӯ ба Словения ин сиёсати дурандешонаи хориҷии Ўзбекистон бобати вусъат додан ва мустаҳкам кардани муносибатҳо бо кишварҳои Иттиҳоди Аврупо мебошад.

Сафар дар соли таҷлили 30-юмин солгарди истиқрори рушди дипломатияи ўзбекистониву словенӣ мегузарад, ки дар вазъи рушди фаъол қарор дорад, ҳамчунин барои вусъат додан ва амиқ кардани тамоми самтҳо имкониятҳои зиёд медиҳад.

Метавон пешгӯӣ кард, ки мулоқоти сатҳи олӣ дар Люблян байни Президенти Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Президенти Словения Наташа Пирс Мусар, ҳамчунин дигар роҳбарони мамлакат ба муносибатҳои дуҷониба такони нав мебахшад, уфуқҳои навро боз мекунад.

**Коршиноси недерландӣ оид ба масъалаҳои сиёсати хориҷӣ Филипп ВИҶЕРС:**

– Сафар дар рушди муносибатҳои дуҷонибаи байни Ўзбекистон ва Словения давраи муҳим гардид. Вай саъю кӯшиши ҳар ду ҷонибро ба вусъат додани ҳамкориҳои иқтисодӣ, пешбурди шарикиҳои нави корчаллонӣ, ҳамчунин амиқсозии минбаъдаи ҳамкориҳои тарафайни Ўзбекистон бо бозорҳои Иттиҳоди Аврупоро таъкид кард.

Мақсади асосии ташрифи Президент Шавкат Мирзиёев фаъолтар кардани алоқаҳои муфиди тарафайни тиҷоративу иқтисодӣ бо дарназардошти татбиқ намудани лоиҳаҳои муштарак дар соҳаҳои асосӣ, аз ҷумла саноат, доруворӣ, электротехника, энергетикаи «сабз» ва хоҷагии қишлоқ мебошад.

Словения ҳамчун давлати узви Иттиҳоди Аврупо ба сифати майдони стратегии ба бозорҳои васеътари аврупоӣ баромадани Ўзбекистон дар назар дошта мешавад. Сафар дар партави рушди устувори мубодилаи моли Ўзбекистон ва Иттиҳоди Аврупо баргузор мегардад. Дар соли 2024-ум содироти Ўзбекистон ба кишварҳои Иттиҳоди Аврупо ба 1,7 миллиард доллари ИМА расид.

Ўзбекистон ва Словения дар назди худ мақсадҳои бузург – то ба 500 миллион доллари ИМА расондани мубодилаи моли тарафайнро аз ҳисоби диверсификатсияи савдо дар самтҳои бофандагӣ, маҳсулоти кишоварзӣ, доруворӣ, таҷҳизоти саноатӣ ва молҳои арзиши иловагиашон баланд гузоштаанд.

Сафари Президенти Ўзбекистон ба Словения ба сифати катализатори давраи нави шарикӣ баррасӣ мегардад, ки нафақат ба мустаҳкам намудани муносибатҳои ўзбекистониву словенӣ, балки ба вусъат додани ҳамкориҳои тарафайни Ўзбекистон умуман бо Иттиҳоди Аврупо нигаронида шудааст.

Муътақидам, ки натиҷаҳои сафар ба ҷалби сармояҳои нав, фароҳам омадани имкониятҳои содиротӣ, ҳамчунин рағбатноксозии инноватсияҳо ва мубодилаи дониш мусоидат мекунанд. Ҳамаи ин ба ҳар ду мамлакат манфиат меоварад ва ба рушди минбаъдаву диверсификатсияи иқтисодиёти Ўзбекистон мусоидат менамояд.

**АИ «Дунё».**

# ИМКОНИЯТҲОИ ВАСЕЪ БАРОИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ МАДАНИЯТИ ЭКОЛОГӢ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Ин Консепсия ба амалӣ гардидани ҳадафҳои нек, аз ҷумла: ба вазифаи ҳар як шахс табдил додани ҳифзи модар-табиат, ташаккули ҳисси эҳтиёткорона дар муносибати ҷомеа бо муҳити зист ва бедор намудани рӯҳи муҳаббат ба табиат ва эҳтироми қонунҳо дар шуури аҳолӣ, махсусан ҷавонон равона шудааст.

Дар ҳақиқат, имрӯз дар самти баланд бардоштани маданияти экологии аҳолӣ муттаҳид сохтани саъю кӯшишҳои мақомоти давлатӣ бо шаҳрвандон, ташкилотҳои ғайридавлатию ғайритиҷоратӣ ва дигар ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дастгирии ҳамкории онҳо масъалаи муҳим ва саривақтӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин ҳуҷҷат вазифаҳои муҳиме зикр шудаанд, ки барои муттаҳид сохтани тамоми ташаббусҳои экологӣ ва фаъолиятҳои марбут ба ҳифзи модар-табиат дар роҳи мақсади муштарак заруранд.

Зикр кардан зарур аст, ки дар таҳрири нави Конститутсияи мо ҳуқуқи ҳар шахс ба муҳити зисти солим ва дастрасӣ ба иттилооти боэътимод оид ба ҳолати он ба таври қатъӣ муқаррар гардидааст. Ҳамчунин, давлат вазифадор аст, ки ҳуқуқҳои экологии шаҳрвандонро таъмин намояд ва бо мақсади пешгирии таъсироти зараровар ба муҳити зист, барои амалӣ гардидани назорати ҷомеа дар соҳаи шаҳрсозӣ шароит муҳайё созад.

Бо вуҷуди ин, имрӯз назорати самараноки ҷомеа аз болои таъмини ин ҳуқуқу имкониятҳои мардум ба таври лозим ба роҳ монда нашудааст. Ҳамзамон, корҳои баланд бардоштани маданияти экологии аҳолӣ низ ба таври низомнок ва пайдарпай ташкил нашудаанд. Дар ҷомеа, хонавода, маҳалла, муассисаҳои таълимӣ ва идораҳои давлатӣ ба ташкили механизми устувор ва пайгиронаи баланд бардоштани маданияти экологӣ эҳтиёҷи калон ба миён омадааст.

Аз ин рӯ, Консепсияи баланд бардоштани маданияти экологии аҳолӣ то соли 2030 вазифаҳои мушаххасро фаро мегирад, ки ба ташаккул ва рушди дониш, шуур ва маданияти экологӣ дар насли наврас, инчунин ба ташкил ва татбиқи самарабахши раванди таълиму тарбия дар ин самт равона шудаанд. Ҳамчунин, Консепсия ба баланд бардоштани сатҳи маданияти экологӣ, аз ҷумла маданияти истеъмоли «сабз» миёни тамоми қишрҳои аҳолӣ нигаронида шудааст.

Ҷиҳати дигари сазовори таваҷҷуҳ он аст, ки барои татбиқи самарабахши Консепсия «харитаи роҳ» барои солҳои 2025–2026 таҳия гардидааст, ки 73 тадбири мушаххасро дар бар мегирад. Ҳадафҳои мушаххаси шаш самт дар ин нақша ташаккули насли дорои маданият ва тафаккури баланди экологиро пешбинӣ мекунанд.

Ба ҳаёт татбиқ намудани вазифаҳои дар Консепсия пешбинишуда аҳамияти калон дошта, барои ин, пеш аз ҳама, зарур аст, ки заминаи ҳуқуқӣ ва методии баланд бардоштани маданияти экологии аҳолӣ рушд дода, низоми тайёр кардани кадрҳо, бозомӯзӣ ва баланд бардоштани малакаи онҳо такмил ёбад.

Ба ташаккули тарбияи экологӣ дар оила ва баланд бардоштани маданияти экологӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад. Нақши муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, миёнаи умумӣ ва миёнаи махсус дар ташаккул ва рушди таълиму тарбияи экологӣ зиёд карда мешавад.

Дар таҳсилоти касбӣ ва олӣ низ барои баланд бардоштани маданияти экологии ҷавонон чорабиниҳои мунтазам роҳандозӣ мегарданд. Дар зинаи баъд аз таҳсилоти олӣ низ барои пешбурди таҳқиқотҳо дар соҳаи баланд бардоштани маданияти экологӣ имкониятҳои васеъ фароҳам оварда мешаванд.

Муҳимаш он аст, ки дар мақомоти давлатӣ, ташкилот ва маҳаллаҳо барои баланд бардоштани маданияти экологии аҳолӣ чорабиниҳои мушаххас ва низомнок амалӣ карда мешаванд.

Тибқи ин қарор таъсиси ҳаракати «Донишҷӯёни эковолонтёри Ўзбекистон» ба роҳ монда мешавад, ки дар доираи лоиҳаи умумимиллии «Макони сабз» чорабиниҳои гуногун, аз ҷумла чемпионатҳои ҷумҳуриявии экологӣ таҳти унвони «Дарахти нав — нафаси нав», саҳмияҳо ва тадбирҳои тарғиботӣ бо шиори «Маҳалларо ба минтақаи озод аз партов табдил медиҳем» миёни қишрҳои гуногуни аҳолӣ, муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва ҷавонон баргузор карда мешаванд. Ин, бешубҳа, нақши ҷавонон ва ҷомеаи васеъро дар ҳифзи муҳити зист боз ҳам бештар хоҳад кард.

Ин ҳуҷҷат дар роҳи баланд бардоштани нақши васоити ахбори омма дар рушди маданияти экологӣ, тақвият бахшидани эҳсоси эҳтиром ба экология ва муҳити зист дар миёни мансабдорон ва шаҳрвандон, инчунин баланд бардоштани самаранокии пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои экологӣ ҳамчун ҳуҷҷати муҳими барномавӣ хизмат хоҳад кард.

**Ойбек РАҲИМОВ,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

# НИЯТҲОИ НЕКИ БАҲОДУРБОБО

Дар Самарқанди бостонӣ Баҳодурбобо Абдуллоевро ҳамчун пири хиради некандеш мешиносанд ва эҳтиром мекунанд. Воқеан, аз азал ба дармондагон дароз кардани дасти ёрӣ хоси одамони нек аст. Чунин шахсон ҳамеша буданд ва ҳоло низ кам нестанд. Яке аз онҳо Баҳодур Абдуллоев мебошад, ки ӯро ҳоло бештар тавассути корҳои хайри худ ҳамчун раиси Ҷамъияти хайрияи бачаҳои ятим ва шахсони ногиро ва танҳо мешиносанд. Воситаҳои ахбори оммавӣ дар бораи Баҳодур Маматқулович, фаъолияти ҷамъияте, ки ӯ раис аст, кам хабар надодаанд. Бинобарин, бисёр одамон аз корҳои хайри ӯ огоҳ шудаанд. Вале на ҳама медонанд, ки сабаби ба чунин корҳои нек даст задани вай чист? Шояд инро баъди шиносоӣ бо тарҷимаи ҳоли ӯ фаҳмидан мумкин аст?



Баҳодур Абдуллоев соли 1945 дар ноҳияи Тайлоқ таваллуд шудааст. Соли 1963 мактаби миёнаи рақами 21-уми шаҳри Самарқандро хатм намуда, фаъолияти кории худро дар заводи истеҳсоли шароби ба номи М. Ховренко оғоз намуд. Солҳои 1964-1967 дар сафи қӯшунҳои сарҳадбон хизмат кард. Аз сафи Қувваҳои Мусаллаҳ баргашта, боз дар ҳамон завод фаъолият пеш бурд. Роҳбарони корхона фаъолию ташаббускории ӯро ба ҳисоб гирифта, барои таҳсил роҳхат доданд. Пас аз хатми факултаи таърихи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон вай дар мактаби миёнаи рақами 85-уми шаҳри Душанбе фаъолияти омӯзгории худро оғоз намуд.

Аз соли 1977 ҳамчун ҷонишини директори мактаб-интернати махсуси шаҳри Қӯрғонтеппа ва аз соли 1987 ҷонишини сардори шуъбаи штаби мудофиаи шаҳрвандии Тоҷикистон фаъолият пеш бурд.

Барои хизматҳои шоёнаш бо ордену медал ва ифтихорномаҳо мукофотонида шудааст.

Вай ба нафақа баромаду ба Самарқанд баргашт. Ду сол вазифаи ҷонишини раиси ҷамъияти шахсони ногирои вилоятро иҷро кард. Аз соли 1998 муассис ва раиси хазинаи вилоятии хайрияи ғайридавлатӣ ва ғайритиҷоратии «Нияти хайр» мебошад.

Баҳодур гуфт, ки сабаби асосии нияти қисми боқимондаи умри худро ба корҳои хайру нек сарф намудани ӯ панду насиҳатҳои падари бузургвораш Маматқул Абдуллоев мебошанд. Қиблагоҳаш солҳо дар вазифаҳои гуногуни роҳбарӣ кор карда, барои некӯаҳволии халқамон хизмат кардааст. Тамоми умр, ҳатто дар солҳои ҷанг ва қаҳтӣ низ як бурда нони худро бо атрофиён ба ҳам додааст.

Хазинаи «нияти хайр» дар давоми фаъолияти худ ба садҳо кӯдакони ятим, шахсони ногироидоштаву танҳо ва дигар мӯҳтоҷон ёрӣ расондааст.

Солҳои охир дар мамлакатамон ислоҳот дар соҳаи иҷтимоӣ торафт вусъат меёбад. Аз ҷумла, барои ба меҳнат ҷалб намудани шахсони ногироидоштаи болаёқат эътибори алоҳида нигаронда мешавад. Инҳо дар қарор ва ҳуҷҷатҳои меъёрии ба соҳаи иҷтимоӣ дахлдори ҳукумати ҷумҳурӣ ифодаи худро ёфтаанд.

Дар давоми фаъолияти 28-солаи хазинаи «Хайрли ният» бисёр аъзои ҷамъияти кару гунгҳои вилоят, хонаи пирон ва шахсони ногироидоштаи «Саховат», ҷамъияти нобиноёни шаҳри Самарқанд бо кӯмак ва дахолати хазина соҳиби кор шуданд. Ба вуҷуди он, ки хазина корҳои зиёди хайриявиро ба ҷо меорад, на ҳама аз фаъолияти он, умуман вуҷуд доштани чунин ташкилоти ғайридавлативу ғайритиҷоратӣ огоҳӣ доранд. Фаъолияти он асосан бо маблағе вобаста аст, ки корхонаву ташкилотҳои ҳомӣ пешкаш менамоянд. Кӯмаки хазина дар баробари тақсим намудани маҳсулот барои гузарондани ҷашнҳо, аз таъмини мӯҳтоҷон ва шахсони ногироидошта бо аробачаҳои ногироӣ, протез, асбоби шунавоӣ, доруву дармон ва ғайра иборат мебошад. Хулоса, аъзои ҷамоаи хурдакаки «Хайрли ният» корҳои зиёдеро амалӣ мегардонад. Сарвари он, ки имсол 80-сола шуд, ҳамон бо тараддуди иҷрои корҳое мебошад, ки хазинаи мазкур ба зимма гирифтааст.

Ғайр аз ин, Баҳодур Маматқулович сарвари хонадони калоне низ аст. Вай панҷ нафар фарзандро соҳиби хонаву ҷой кардааст. Набераву аберахо ба воя мерасанд. Имрӯзҳо ӯ дар давраи фарзандону набераву аберахо, пайвандону наздикони бисёр аз қисмати худ розӣ ва мамнун шуда, кӯшиш мекунад, ки ба ҳар як корафтода дасти кӯмак дароз кунад ва хушбахтии худро дар чунин корҳои хайр мебинад.

– Ёд дорам, раҳматӣ қиблагоҳам таъкид менамуданд, ки некӣ кун, номат дар ҷаҳон монад, – барафзуд қаҳрамони лавҳаи мо Баҳодурбобо Абдуллоев,– солҳои таҳсил дар мактаб муаллими адабиёти тоҷик байти зеринро такрор мекарданд, ки аз ёд шудааст:

*Бикун некиву дар дарёш андоз,*
*Ки рӯзе дар канорат оварад боз!*

Воқеан, амали ин панди ҳикматомези бузургонро дар вақти зиндагӣ ва фаъолияти пурсамарона дар Тоҷикистон дидам. Ҳоло ҳам ҷанги дохилӣ, иҷрои қарзи байналмилалӣ дар Афғонистон пеши назарам ҷилвагар аст. Ҳоло дар ҳалқаи фарзандону наберагон гашти пирӣ рондан насибам гашт.

Худованд саломатии мустаҳкам додааст, ки дар корҳои ҷамъиятӣ низ фаъол ҳастам.

Мардум бо масъалаҳои гуногун муроҷиат мекунанд ва ман дар доираи барномаи идораамон ва чорчӯбаи қонун дастгирии беғаразона расонда истодаам.

– Маҷрӯҳони ҷанговарони байналмилали «афғон»-ҳо аз ин пири саховатпеша сипосгузор ҳастанд, – иттилоъ дод раиси шуъбаи вилоятии ҷамъияти ногиронҳо ва байналмилалии «Veteran»-и Ўзбекистон Эркин Мавлонӣ, – зеро дар арафаи Рӯзи хотира ва қадр, инчунин санаҳои таърихӣ бо хайру эҳсон дилёбӣ мекунанд.

Шояд байти зерин шиори мӯйсафеди ташаббускори беқарору барнодил аст:

*Некӣ кун, агар туро дастрас аст,*
*К-ин олам ёдгори бисёр кас аст!*

– Акаҷон, нависед, – илтимос намуд писари ӯ Фирӯзҷон, – ҳар қадамро дар умри нотакрор, бо раҳу гуфтаи падар мондем, бе мадад, бе шафоати пирон, ба саволи ҳаёт дармондем.

Шоире айни муддао навиштааст:

*Туӣ, нури ду чашмонам, падарҷон,*
*Азизу беҳтар аз ҷонам, падарҷон.*
*Дарахти умри ман бунёд кардӣ,*
*Калиди бахти хандонам, падарҷон.*

Мо, фарзандону наберагон ҳар пагоҳӣ аз падари бузургвору модари меҳрубону ғамхор дуои хайр гирифта, аз паси кор мешавем, ки ҳамеша табъамон болида. Аз Парвардигор илтиҷоомез мепурсем, ки волидонамон ҳамеша соябони мо бошанд.

– Хурсандии ман аз он иборат аст, ки рӯзномаи дӯстдоштаи мо «Овози тоҷик» 101 сола аст. Аз айёми бачагӣ бо ин нашрия риштаи дӯстӣ дорам ва қариб ҳар як шумораи онро мутолиа мекунам, – илова намуд Баҳодурбобо.

**Тошқул АЗИМОВ,**
**Зоҳир ҲАСАНЗОДА.**
*САМАРҚАНД.*



## НАМОИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ КИТОБ:

# РОБИТАҲОИ ФАРҲАНГӢ ТАҲКИМ МЕЁБАНД

***7-17 майи соли равон дар маҷмааи Имом Ҳумайнии пойтахти Эрон – шаҳри Теҳрон таҳти шиори «Барои Эрон бихонем» 36-умин Намоишгоҳи байналмилалии китоб баргузор гардид.***

Ин чорабинии фарҳангӣ яке аз бузургтарин намоишгоҳи китоб дар минтақаи Осиёи Ғарбӣ ба шумор меравад, ки имсол дар он намояндагони қариб 2400 нашриёти маҳаллӣ ва 600 нашриёти хориҷӣ аз давлатҳои Ироқ, Лубнон, Афғонистон, Туркия, Олмон, давлатҳои узви БРИКС китобҳои тозанашри худро ба намоиш гузоштанд.

Дар намоишгоҳ барои нашриётҳои оммавӣ, кӯдакон ва наврасон, таълимӣ, донишгоҳ ва рақамӣ шуъбаҳои алоҳида ташкил гардиданд. Бори аввал толори «Технологияҳои нашр» ифтитоҳ ёфта, ғоя ва технологияҳои инноватсионӣ дар соҳаи китобу китобхонӣ муаррифӣ шуданд.

Нахустин давраи «Tehran Fellowship» ба адабиёти кӯдакон ва наврасон бахшида шуда, ҷамъомади гурӯҳи кории фарҳангии давлатҳои узви БРИКС низ доир гардид.

Дар маросими ифтитоҳи намоишгоҳ раиси Маҷлиси Шӯрои Исломии Эрон Муҳаммадбоқир Қолибоф, вазири фарҳанг ва иршоди исломӣ Саид Аббос Солеҳӣ ва вазири фарҳанг, сайёҳӣ ва осори бостонии Ироқ Аҳмад Факок ал-Бадронӣ ширкат намуданд.

Бо мақсади баланд бардоштани имкониятҳои хоҳишмандон намоишгоҳ ба таври маҷозӣ, яъне тавассути ketab.ir низ ташкил гардид. Тавассути ин веб-платформа, корбарон тавонистанд китобҳои дилхоҳашонро дар интернет ба тариқи онлайн харидорӣ кунанд.

13 май дар доираи намоишгоҳ рӯнамоии «Хоҷагон – тариқати нақшбандия ва ҳафт пир» ном китоби камина, ки дар нашриёти «Мавло» бо забони форсӣ-тоҷикӣ нашр шудааст, баргузор гардид.

Дар тақдимот олимони маъруфи мутасаввифи Эрон Эҳсонуллоҳ Шукруллоҳ, Маҳмуд Ҷаъфари Деҳақӣ, Беҳрӯз Имонӣ, Муртазо Ризвонфар дар бораи аҳамияти асар ҳарф заданд ва таъкид карданд, ки муаллиф дар китоб таърихи тасаввуфи Осиёи Миёнаро бар пояи илмӣ баррасӣ намудааст.

Инчунин, дар шуъба, ки таҳти унвони «Шоҳнома ва забони порсӣ» амал мекард, баромад карда, дар бораи аҳамияти «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, тарҷумаи ин асари мондагор ба забони ўзбекӣ, хидмати шоистаи шарқшиноси маъруф Шоислом Шомуҳаммедов дар ин самт ва дигар намунаҳои адабиёти мумтоз ҳарф задам.

Инчунин рӯнамоии китоби Шоири халқии Тоҷикистон Фарзонаи Хуҷандӣ баргузор гардид, ки дар он камина қасидаи «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён»-и Рӯдакиро қироат кардам.

Инчунин, тибқи барномаи намоишгоҳ ҳайати намояндагони давлатҳои хориҷӣ дар анҷумани Созмони фарҳанг ва иртибототи исломӣ иштирок карданд. Чорабиниро раиси созмон Муҳаммад Маҳдии Имонипур ифтитоҳ бахшида, дар он олимони эроншинос аз Русия, Чин, Ҳиндустон, Урдун ва дигар давлатҳо баромад карданд.

Ҳайати намояндагон аз Китобхонаи марказӣ ва маркази асноди Донишгоҳи Теҳрон, Маркази Доиратулмаорифи бузурги исломӣ (Маркази пажӯҳишҳои эронӣ ва исломӣ), Маркази ҳавзаи ҳунарӣ дидан карданд.

Дар китобхона бо дастнависҳои бостонӣ, асноди бойгонӣ шинос шудем ва дар мавриди тартиби барқароркунии онҳо маълумот гирифтем.

Бояд гуфт, ки Маркази Доиратулмаорифи бузурги исломӣ соли 1983 аз тарафи Саид Козими Мусавии Буҷнурдӣ бунёд гардида, мақсади он тадвин ва интишори донишномаҳои умумӣ ва тахассусӣ ва кутуби марҷаъ дар абъоди мухталифи таълими башарӣ, ба хусус, фарҳанг ва тамаддуни исломиву эронӣ аст. Ин марказ сиву як сол аст, ки машғули тадвини «Доиратулмаорифи бузурги исломӣ» ба се забон – форсӣ, арабӣ ва англисӣ мебошад. Дар канори ин кори азим, донишномаҳои дигар, мисли «Донишномаи Эрони бостон», «Донишномаи ҳуқуқ», «Донишномаи забонҳо ва гӯишҳои Эрон», «Донишномаи Эрон», «Донишномаи Теҳрони бузург», «Донишномаи фарҳанги мардуми Эрон», «Донишномаи ҳунар» ва «Донишномаи халиҷи Форс» ва «Таърихи ҷомеъи Эрон» дар дасти тадвин аст.

Бо як сухан, иштироки фаъоли ноширони дохиливу хориҷӣ дар Намоишгоҳи байналмилалии китоби Теҳрон ва баргузории барномаҳои мухталифи фарҳангӣ дар ҳошияи он, барои таҳкими равобити фарҳангӣ, рушди ҳамкорӣ, табодули таҷриба, инчунин, пешбурди маданияти китобхонӣ мусоидат мекунад.

**Комилҷон РАҲИМОВ,**
**корманди пешбари илмии Институти шарқшиносии Академияи илмҳои Ўзбекистон, доктори фанҳои таърих.**

# РУСТАМ ХОЛМУРОДОВ – ДОКТОРИ ФАХРӢ

***Дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҷамъомади васеи Шӯрои олимони донишгоҳ баргузор гардид, ки дар он ба ректори Донишгоҳи давлатии Самарқанд Рустам Холмуродов унвони доктори фахрии донишгоҳи мазкур супорида шуд.***

Дар ибтидо ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Эмомалӣ Насриддинзода ба сухан баромада, таъкид намуд, ки ин иқдом дар заминаи сиёсати хирадмандонаи роҳбарони ду кишвари дӯсту ҳамҷавор – Шавкат Мирзиёев ва Эмомалӣ Раҳмон амалӣ мегардад, ки дар таҳкими муносибатҳои неки ҳамкорӣ нақши калидӣ доранд.

Муовини Сарвазири Тоҷикистон Дилрабо Мансурӣ зимни суханронӣ дар бораи заминаҳои устувори ҳамкориҳои илмӣ, фарҳангӣ ва таълимии Тоҷикистону Ўзбекистон ва нақши муассир ва созандаи ректори Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов, доктори илмҳои техникӣ, профессор Рустам Холмуродов дар таҳкими ин муносибатҳо суханронӣ намуд. Таъкид кард, ки шахсияти донишманд ва роҳбари ботаҷриба Рустам Иброҳимович дар рушди равобити муассисаҳои таҳсилоти олии ду кишвар саҳми назаррас гузоштааст.

Дар идома муовини ректори донишгоҳ оид ба илм ва инноватсия, профессор С.Сафармамадзода иброз дошт, ки профессор Рустам Холмуродов дорои таҷрибаи ғании роҳбарӣ ва илмӣ мебошад. Ӯ дар вазифаҳои гуногун ифои вазифа намудааст.

Профессор Рустам Холмуродов бо унвони ифтихории «Доктори фахрии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» сарфароз гардонида шуд.

Э. Насриддинзода зимни супоридани дипломи доктори фахрӣ ва пӯшонидани либоси махсус қайд кард, ки доктори фахрии донишгоҳ ҳуқуқ дорад дар ҷаласаҳои Шӯрои олимони боргоҳи таълимӣ иштирок намояд, дар донишгоҳ лексияҳо хонад ва тадқиқоти илмӣ гузаронад, инчунин, дар конференсия, симпозиум ва хонишҳои илмӣ ширкат варзад.

– Сарфароз гардидан ба унвони ифтихории «Доктори фахрии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» бароям, пеш аз ҳама, эҳтиром ва арҷгузорӣ ба арзишҳои баланди илм, мориф ва таълиму тарбия мебошад, – иброз дошт Р.Холмуродов дар суханронии худ. – Барои чунин қадршиносӣ ва истиқболи гарму самимӣ миннатдории худро ба роҳбарият ва ҳайати бисёрҳазорнафараи устодону донишҷӯёни донишгоҳ иброз менамоям.

Иштирокдорони чорабинӣ аз намоишгоҳи донишгоҳ низ боздид намуданд. Намоишгоҳ аз гӯшаҳои китобҳои таълифнамудаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, китобҳои тозанашри илмию таълимии устодону кормандони донишгоҳ, дастовардҳои Маркази биотехнология ва Парки технологии донишгоҳ, Институти илмӣ-тадқиқотӣ ва ғайра иборат буд.

Ҷамъомади васеи Шӯрои олимони донишгоҳ бо супоридани туҳфаҳои хотиравӣ ва баргузории барномаи рангини фарҳангии ансамбли халқии «Наврӯз»-и донишгоҳ ҷамъбаст гардид, хабар додааст саҳифаи маҷозии сафорати Тоҷикистон дар Ўзбекистон.

**(Мухбири рӯзнома).**

*Поси хотир*

# НОМАҲОЯШ МОНД ДАР ИН ДАҲР ЧУН НИШОНА

***Китоби «Овози тоҷик»: сад соли пуровоза»-ро, ки ба муносибати 100-умин солгарди ин нашрияи маҳбуби мо дар нашриёти «Маҳорат» бо саъю эҳтимоми кормандони рӯзнома ба чоп расидааст, бо камоли майл ва завқу шавқ мутолиа намудам. Мураттибон кори хеле некро анҷом додаанд.***



Маҷмӯаи фавқуззикр саҳифаҳои заррини таърихи «Овози тоҷик»-ро дар бар гирифтааст. Мо аз тариқи ин китоб бо арбобони барҷастаи матбуот, рӯзноманигорони варзида мухтасар шинос шудем. Албатта, дар бораи боз чандин дилбастагони рӯзнома, хабарнигорони ҷамоатии он тӯли солҳои мухталиф таҳия кардан ва ғунҷонидани мақолаҳо дар як китоб кори осон нест. Аммо, дер бошад ҳам, зикри хайри онҳо аз аҳамият холӣ нахоҳад буд. Таърих гувоҳ аст, ки аз солҳои аввали нашри «Овози тоҷик» чанд нафар қаламкашон, адибони номвари истаравшанӣ (ӯротеппагӣ) низ дар идораи он кору эҷод кардаанд, баъзеашон дар Истаравшан зиста, то охири умр бо рӯзнома ҳамкории наздик доштанд. Ҳақ бар ҷониби муаллифони мақолаи «Рӯзҳои фаромӯшнопазир дар зодгоҳи Шайх Камол» Муҳаммадҷон Шодиев ва Тоҷибой Икромов («Овози тоҷик», 31 октябри с. 2023) аст, ки навиштаанд: «Шоистаи зикр аст, ки дастпарварони ин минтақа дар нахустин солҳои нашри рӯзномаи «Овози тоҷик» тақдири худро бо ин нашрияи овозадор пайвастаанд ва рӯзномаву хонандагони он аз хидмату осори илмиву адабӣ ва иҷтимоии Бобоҷон Ғафуров, Аъзам Сидқӣ, Разиюлло Абдуллозода, Суҳайли Ҷавҳаризода, Шавкат Ниёзов баҳраҳо бурдаанд».

Мо ин ҷо дар бораи яке аз ин фидоиёни «Овози тоҷик», ки дар боло номашон зикр шуд, устод Разиюлло Абдуллозода чанд сухан гуфтанӣ ҳастем. Шоир ва тарҷумон, фолклоршинос, омӯзгори номӣ Р.Абдуллозодаро аз овони бачагӣ мешинохтам. Ӯ дар мактаби рақами якуми шаҳр аз забон ва адабиёт, матни классикии тоҷик дарс медод. Ягон чорабинии адабию фарҳангӣ бе иштироки вай намегузашт. Дар рӯзномаҳои ноҳиявӣ ва марказӣ мақолаҳояшро мунтазам мехондем. Бо тахаллуси «Расмӣ» шеър мегуфт. Аз ҷумла, асараш зери унвони «Ибораҳои халқӣ» сарчашмаи нодирест оид ба шеваи гуфтори истаравшаниҳо.

Бино ба қайди академик Аҳрор Мухторов дар китоби «Дилшод ва мақоми ӯ дар таърихи афкори ҷамъиятии халқи тоҷик дар асри XIX ва ибтидои асри XX» маҳз Разиюлло Абдуллозода соли 1966 аввалин шуда аз дастхати асарҳои шоираи маърифатпарвар, зодаи Истаравшани бостонӣ Дилшоди Барно (1800-1905/6), хусусан, «Таърихи муҳоҷирон»-и вай бохабар шуда, олимонро ба омӯзиши рӯзгор ва эҷодиёти ин шоира ҷалб намудааст.

Р.Абдуллозода 13 марти соли 1912 таваллуд шуда, 19 феврали соли 1995 даргузаштааст. Аз ҳасби ҳолаш маълум, ки соли 1930 техникуми иқтисодию саноатии Тошкандро хатм намуда, сипас дар Донишкадаи педагогии Душанбе таҳсили илм кардааст. Бино ба нақли худи нависанда ва рӯзноманигор ӯ ҳамкориро бо «Овози тоҷик» аз солҳои 30-юми асри XX оғоз намуд. Ва ин садоқату ҳамкорӣ қариб то лаҳзаҳои охирини ҳаёташ идома дошт. (Охирин номаҳое, ки ӯ ба идораи рӯзнома ва радиои ҷумҳурӣ фиристодааст, декабри соли 1992 сабт шудаанд. Ба гумони мо гусаста шудани робитаҳои ду ҷумҳурӣ дар соҳоти гуногун, аз ҷумла дар соҳаи почта сабабгори қатъи мукотибаҳо шудааст).

...Октябри соли 1990 бо супориши сармуҳаррири рӯзномаи он вақти «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (ҳоло «Овози тоҷик») Шавкат Ниёзов барои иштирок дар маросимҳои 90-умин солгарди шоир ва рӯзноманигор Суҳайлӣ Ҷавҳаризода, ки низ солҳои зиёд хабарнигори «Овози тоҷик» будааст, ба Истаравшан рафтам. Дар чорабиниҳои ҷашнӣ имкон доштам бо Абдуллозода – ин шахси бомаърифат ва рӯшанфикр ҳамсуҳбат шавам. Мулоқот бо ӯ бинобар боодобона, бидуни лаҳҷа, шоирона буданаш касро ба худ ҷалб мекард.

Ҳамин тариқ ман шефтаи суҳбатҳои ин марди хирад шудам ва ҳар гоҳе озими Истаравшан шавам, ҳатман ба дидораш мешитофтам, салому паёмҳои устод Ниёзов, аҳли қалами таҳририятро мерасонидам.

Вале, ростӣ, устодро аслан дар Тошканд аз навиштаҳояш бештар шинохтаму омӯхтам. Зеро мутолиаи пайвастаи номаҳо, мақолаву шеърҳо, панду андарзҳои Разиюлло Абдуллозода, ки ба унвони рӯзнома ва шуъбаи тоҷикии радиои Ӯзбекистон мерасиданд, маро ба олами аҷибу инсонӣ ва эҷодии ӯ аз наздик ошно намуданд. Ин якчанд сабаб дошт.

Аввалан, устод ҳусни хати хеле зебою хоно дошт. Ҳамин ҳусни хат ҳам касро водор мекард,ки номаҳояшро бихонад. Ҳар як нома нигораҳои шеърӣ, дуову таманноҳои нек дошт. Шояд шахсе баробари вай дар навиштани мактуб маҳорат надошта бошад! Баҳори соли 1995 аз марги қаламкаши боистеъдод, узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Р.Абдуллозода хабар расид. Ман номаҳо ва чанде аз намунаҳои эҷодашро, ки дар бойгонии шахсиам маҳфуз медоштам, зери сарлавҳаи «Ал хатту нисф-ул-мулоқоти» (ин ибораи арабиро устод қариб дар ҳар як мактубашон менавишт, ки маънияш «Хат, нома – баробари нисфи мулоқот») таҳия намудам. Он бо хотираҳои камина ва чанд акси номаҳои ҳикматангези устод дар шумораи 29 марти соли 1995-уми рӯзнома чоп шуд.

Сониян, Р.Абдуллозода дар ҳар жанре, ки эҷод мекард, намунаҳояшро ба Тошканд ирсол менамуд, ки хонданӣ ва таъсирбахш буданд, зиёда аз ин маълумоти ғанӣ доштанд. Тавассути ин номаҳо аз вазъи адабии Тоҷикистон, билхосса Истаравшан воқиф мешудам.

Устод дар яке аз мактубҳо ба Ш.Ниёзов баъд аз таманноҳои нек чунин рози дил кардааст: «Зиёда аз 3 моҳ аст камина нотоб, ранҷур ҳастам. Мана зиёда аз 15 рӯз мешавад, ки ба кӯча ҳам намебароям. Хайр майлаш. «Ӯст султон, ҳар чӣ хоҳад он кунад». Бародари азиз! Кори хайр карда будед, ки «Нома ба адибон» чоп шудааст. Ба хаёлам вай ҳамчун ҳуҷҷати таърихӣ боқӣ монд. Мана аллакай марҳум Ҷалол Икромӣ нестанд, устод Улуғзода нотоби сахт дар Москав, муҳтарам рафиқ Раҳим Ҳошим дар синни 85, низ нотобу ранҷур... Камина-чӣ? Пайрави онҳо, аз синни 82-солагӣ нафас мегирам, аммо нафасҳои вазнин. Мана, ин мақола дар бораи аҳли шуарои Ӯротеппа, махсусан мутааххирин. Он чизҳоеро, ки инҷо навишта шудааст, дар аксари он иштирок варзидаам. Агар лозим донеду ба чопаш иҷозат фармоед, ба хаёлам ин ҳам ҳамчун як ҳуҷҷати таърихӣ чи барои имрӯзагон ва чи барои ояндагон як армуғони пурбаҳое мешавад».

Сеюм, Р.Абдуллозода ҳамчун муаллифи мақолаву шеър, дубайтӣ ва маснавию пандномаҳои баландмазмунаш боре ҳам аз кормандони редаксия талаб намекард, ки навиштаҳояшро ҳатман чоп кунанд. Зимнан бо лутфу самимияти хеле хуш ихтиёри чопро ба ҳукми кормандони таҳририят вогузор менамуд. Инак, далел: «Ҳамин шеърҳоро ба ихтиёри шумо ирсол фармуда, хоҳише дорам, ки агар мақбули табъ шавад, имдод ба чопаш мерасонидед. Ягон рубрикаи «Шеърҳои нав» гузошта, ба 2-3-тояш ҷой дода шавад, ба фикрам, хуб мешуд, боз худатон медонед». Ин муроҷиат ба сармуҳаррир Шавкат Ниёзов тавассути камина: «Мақолаи «Инҳо тавъамони якдигаранд»-ро (дар бораи дӯстии адибони тоҷику ӯзбек – Ш.М.) мӯҳтарам рафиқ Ниёзов нагирифта будаанд. Инак, нусхаи дуюмашро ба шумо фиристонидам. Хоҳишмандам, аз назари мутолиа гузаронанд ва агар мақбул шавад, ба чопаш кӯмакрасонӣ кунанд».

Ҳамин чанд нома далел бар он аст, ки Разиюлло Абдуллозода инсони хоксору дорои маданияти баланди муоширату муомила буданд. Номаи зерин, ки дар таърихи 19 июни соли 1992 иншо шудааст, бо чунин суханони илтимосомез (на шарту талаб) поён ёфтааст: «Мақолаи дар бораи «Одамӣ ва қадршиносӣ»-ро лозим донистам, ки ба шумо ирсол фармоям, зеро сабаби ба ҷои дигар нафиристонданам ин аст, ки рости гап, қадршиносон кам мондаанд. Як маротиба хонда бароед, агар лозим донед, ба чопаш рухсат фармуданатонро илтимос менамоям».

Ин инсони хирадманд ва рӯзгордида дар номаҳояш ҳамеша аз зиндагӣ, хусусан, аз ҳамкорӣ бо «Овози тоҷик» ва шуъбаи тоҷикии радиои ҷумҳурӣ шукргузор буд, вале боре (дар номааш аз 28 декабри соли 1990) чунин шиква мекунад: «Камина ҳанӯз дар солҳои 1930 бо хабару мақолаҳо ва майда-майда шеъру ҳикояҳои худ ба рӯзномаи «Овози тоҷик» иштирок доштам (дар ин бора хотираҳоям дар газетаи «Ҳақиқати Ӯзбекистон» ҳам чоп шуда буд). Мутаассиф, дар рӯзномаи ҷашнӣ чизе гуфта нашудааст».

Ҳар як мақола ё шеър, ҳикояи хурди муаллиф, бешак таваҷҷуҳи муштариёни рӯзномаро ҷалб менамуданд, олами маънавию ахлоқии онҳоро ғанӣ мекарданд, ба ҷавонон дарси одамият медоданд.

Фикр мекунам, овардани пораҳое аз номаҳои устод дар ин мақолаи мухтасари мо зикри ёд, хидмат ва садоқати Абдуллозода нисбати «Овози тоҷик» хоҳад шуд.

**Шоқаҳҳори МУҲАББАТЗОД,**
**узви иттифоқҳои журналистони Ӯзбекистон ва Тоҷикистон.**

*25 май – Рӯзи ҷаҳонии футбол*

# ФУТБОЛ ҶАҲОНӢ ШУД!

***Варзиш, хусусан футбол дар ҳаёти инсоният аз ҷумлаи беҳтарин роҳҳои солимгардонӣ ва пешбурди тарзи ҳаёти солим, инчунин василаи муҳимтарини пайванди халқу миллатҳои гуногун ба шумор меравад.***



Футбол як падидаи фарҳанги умумиҷаҳонист, ки марзҳои миллӣ, монеаҳои забонӣ ва тафовутҳои иҷтимоиву иқтисодиро убур мекунад. Ин як варзишест, ки ҷаҳонро муттаҳид месозад ва бо забони универсалӣ сухан мегӯяд.

Бо назардошти ин, 7 майи соли 2024 зимни ҷамъомади 80-уми пленарии сессияи 78-уми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид (МУСММ) Қатъномаи «Рӯзи ҷаҳонии футбол», ки аз ҷониби Тоҷикистон, Подшоҳии Баҳрайн ва Ливия таҳия ва пешбарӣ шуда буд, қабул гардид.

Ин қатънома дар асоси ташаббусу пешниҳодҳои кишварҳои узви СММ омода гардида, дар он аҳамияти дар рӯҳияи сулҳ, тафоҳум, ҳамкории байналмилалӣ, дӯстӣ, таҳаммулпазирӣ ва бидуни табъиз баргузор намудани чорабиниҳои бузурги байналмилалии варзишӣ, ки онҳо хусусияти муттаҳидкунанда ва мусолиматомез доранд, таъкид мегардад.

Қатънома инчунин нақши бунёдии Федератсияи байналмилалии футбол (ФИФА) ва нақши муҳими федератсияҳои футболро дар сатҳҳои минтақавӣ ва миллӣ, инчунин ассотсиатсияҳои марбутаи онҳоро дар пешбурди бозии футбол арзёбӣ менамояд.

Бинобар ин, МУСММ қарор қабул кард, ки 25 май ҳамчун Рӯзи ҷаҳонии футбол эълон карда шавад. Зеро, аввалин мусобиқаи байналмилалии футбол бо иштироки намояндагони тамоми минтақаҳо дар Бозиҳои тобистонаи олимпӣ, 25 майи соли 1924 дар шаҳри Париж баргузор гардида буд.

Бояд гуфт, ки эълон шудани Рӯзи ҷаҳонии футбол барои оммавӣ ва рушди футбол дар кишвари мо низ имкониятҳои нав фароҳам меорад. Ин барои афзунгардии ҳавасмандии ҷавонон, дастгирии истеъдодҳои наврас, рушди инфрасохтори варзишӣ, инчунин ташкили чорабиниҳои оммавии футбол мусоидат мекунад.

Дар ин замина аз ҷониби Федератсияи футболи Ӯзбекистон як қатор чорабиниҳо, мусобиқаҳои кӯдакону наврасон, ҷашнвораҳои футбол, бозиҳои дӯстона гузаронида мешавад, ки барои мустаҳкам кардани мавқеи футбол дар ҳаёти ҷомеаи кишвар хидмат мекунад.

Албатта ин ҳама таваҷҷуҳу ғамхории ҳукумат ба бозии ҷаҳонии футбол натиҷаҳои худро медиҳад. Масалан, чанде пеш футболбозони ҷавони мамлакат дар мусобиқаи бонуфузи Ҷоми Осиё-2025 миёни футболбозони то 17 сола, ки дар майдонҳои Арабистони Саудӣ баргузор гардид, боре ҳам мағлуб нашуда, натиҷаи рекордӣ нишон доданд ва ҷоизаи бузург – Ҷоми Осиёро ба даст оварданд. Шарафи Ватани маҳбубамонро мардонавор ҳимоя карданд ва ин бешубҳа воқеаи пурифтихор асту дар таърихи футболи ватанамон бо ҳарфҳои заррин сабт гардид.

Инчунин, чанде пеш федератсияҳои футболи Ӯзбекистон, Тоҷикистон ва Қирғизистон барои баргузор кардани Ҷоми Осиё-2031 – бузургтарин мусобиқаи футболи қитъа ба Конфедератсияи футболи Осиё (AFC) дархости муштарак пешниҳод намуда, гуфтанд, ки метавонанд мусобиқаро дар сатҳи баланд ташкил кунанд. Агар ин дархост қабул шавад, он низ дар олами футболи мамлакат як рӯйдоди муҳиму таърихӣ хоҳад шуд.

Таҳияи
**ФАРАҲМАНД.**

***Дар Донишгоҳи давлатии кон ва технологияи Навоӣ маросими муаррифии китоби таълимии «Иқтисодий ва молиявий стратегия»-и узви Академияи илмҳои Русия, олими барҷастаи стратегияи идоракунӣ, профессор Владимир Квинт, ки ба забони ӯзбекӣ тарҷума шудааст, баргузор гардид.***

# ТАҚДИМОТИ КИТОБИ АКАДЕМИКИ РУС

Дар ин анҷумани бонуфуз як қатор олимон ва мутахассисони соҳа чун директори генералии комбинати кӯҳӣ-металлургии Навоӣ, Қаҳрамони Ӯзбекистон, сенатор Қувондиқ Санақулов, муаллифи китоб Владимир Квинт, ректорони донишгоҳҳои Навоӣ ва Бухоро, профессорон Бахтиёр Мардонов, Обидҷон Ҳамидов, Муҳиддин Калонов, устодон ва донишҷӯён иштирок намуданд.

Қувондиқ Санақулов дар бораи моҳият ва аҳамияти китоби дарсӣ маълумот дод. Аз ҷумла қайд намуд, ки китоби мазкур ҳамчун воситаи таълим барои мутахассисон ва донишҷӯён хеле муфид аст. Зеро имрӯз бе пешдиди стратегии иқтисодиву молиявӣ рушду ривоҷи ҷамъиятро тасаввур наметавон кард.

Профессори Донишгоҳи давлатии Маскав ба номи Ломоносов, муҳаққиқи шинохта Владимир Квинт аз ҳамкориҳои дуҷонибаи илмӣ изҳори қаноатмандӣ намуд.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

# КАЙҲОНМАРДИ ПАЛАНГИНАПӮШ

***(Достони ривоятӣ-бадеӣ)***

Дар замонҳои хеле қадим, вақте ки дар рӯйи замин динозаврҳо ва калтакалосҳои бузургҷусса зиндагонӣ мекарданд, одам мавҷуд набуд. Ҷангалзорҳои анбӯҳ ва чакалакзорҳо рӯйи заминро пӯшонда буданд. Дар қуллаҳои кӯҳсори сарбафалак барфҳо ва пиряххо сол ба сол захира шуда, танҳо баҳорон, баъди борон обҳои худро ба поён ҷорӣ мекарданд. Зимистон дуру дароз ва тобистон ҳамагӣ ду моҳ буд.

Ана дар ҳамон вақтҳо ҳафт фариштаи осмонӣ ба Ҳурмузд сайёраи Заминро тухфа намуда, боду ҳавояшро муътадил кардаанд. Баъд ба ӯ иҷозат додаанд, ки аз ҳафт сайёраи дигар беҳтарин чизҳоро ҷамъ карда, ба Замин фурорад ва онро обод намояд. Ҳурмузд хушҳол ба кор шурӯъ кардааст.

Наботот, ҳайвонот, паррандаҳо, об, кӯҳҳо, хок ва ҳаворо дар панҷ садсола бунёд карда, садсолаи шашум одамро офаридааст. Барои офаридани одам ӯ қуллаи баландтарини заминро, ки сарсабзу серғизо, ҳавояш мусаффо ва кухсораш обшор будааст, интихоб кардааст. Давоми ҳафтод рӯз ранҷ бурда, дар назди баҳри Дутоия, ки Ҳурмузд он ҷо зиндагонии рӯйизаминиро оғоз карда буд, одами накӯсиришт – Кайҳонмардро офаридааст.

Кайҳонмард аввалин одам буд, ки дар қуллаи баландтарини рӯйи замин, дар шафати баҳри Дутоия чашм ба дунё кушодааст. Сипас Ҳурмузд ба ӯ ҷуфте офаридааст бо номи Зан. Шоҳи ҷаҳон – Кайҳонмард рӯйи фарзандони зиёдеро дид. Аз байни ҳайвонот ба сифати дӯст сагро интихоб кард, ки ӯро ҳеч гоҳ фиреб надиҳад, дӯсти содиқ шавад. Дар шикор ва ҳама кор саг ҳамроҳи ӯ буд. Баъд ҳайвоноти гуногуни ваҳширо ба хона оварда, онҳоро ҷуфт кард. Шумораи онҳо зиёд шуд. Баъд растаниҳои гуногунро парвариш карда, барои ғизо ва шифо ба кор бурд.

Рӯзе аз рӯзҳо аз корҳои ободонии рӯйи замин Аҳриман – деви баттолу бадкирдор хабар ёфт. Ӯ Кайҳонмардро нобуд карданӣ шуд. Заминро мисли дигар сайёраҳо ба торикистон табдил додан хост. Ободонии рӯйи замин роҳи нафасашро танг, равшанӣ чашмонашро тира мекард.

Аҳриман ба бадкирдорӣ оғоз намуд. Аввал хост Офтобро сӯйи Замин тела диҳад. Офтоб ба Замин наздик шуд. Ба қуллаҳои барфу пиряхсори Замин аз бомдод то шом шаъшаъапошӣ кард. Барфу пиряххо об шуданд. Туғёни об аз санг ба санг ҷаҳида сӯйи заминҳои поёнӣ шорида рафтанд. Нияти бади Аҳриман бар бод рафт. Роҳи об кушода, заминро ободу сарсабзтар карданд. Ин шоҳроҳи об номи дарёи Омуро гирифт.

Сипас Аҳриман шамолро ба кор андохт. Ӯ гирдоби шамолро аз заминҳои афғон бардошта, сӯйи Кайҳонмард пуф кард. Боди афғон бонге дардода ва тан ба қуллаҳои барфпӯш заду нафасаш ба дарун зад. Сипас, Аҳриман ба ситораҳо фармуд, ки Кайҳонмардро нобуд кунанд. Ҳурмузди нексиришт бо сайёраҳо машварат карда, ҳафт ситораи дурахшонтаринро болои қуллаҳо ҷамъ овард ва фармуд, ки ба Кайҳонмард роҳи зиндагиашро нишон дода истанд ва бо Аҳримани баттол қаробат наҷӯянд. Силсилаи ҳафт парвин роҳнамои ориёиён шуд. Дигар ситораҳо низ ин амалро пеш гирифтанд.

Аҳриман ба ғазаб омад, қасди нобуд кардани Кайҳонвард ӯро раҳо намекард. Ӯ зилзиларо ба кор андохтанӣ шуд. Қаъри сияҳи замин, ки аз ҳаёти болои замин бехабар буд, ба ғулғула даромад. Садои ваҳшатангезе бархост. Паррандагон аз замин парида ба осмон парвоз карданд, ҳайвонот бо навҳаҳои худ дили осмонро шикофтанд. Зилзилаи сахте заминро ба ларза овард. Ҳурмузд ҳафт қуллаи заминро бо дастони пурмеҳру сиришти некаш ба оғӯш кашид ва осуда намуд. Ҳафт қуллаи кӯҳсор мисли ҳафт бародар дар канори ҳам наҷунбида устувор истоданд. Зилзила қатъ гардид. Ҳафт силсилаи кӯҳ бо номҳои гуногун гирди кӯҳи Пойи Меҳр ҷамъ шуданд. Дар баъзе ҷойҳо обҳо аз рӯйи замин ба зер роҳ ёфта, пинҳон шуданд.

Аҳриман баҳри Дутоияро, ки дар канораш Кайҳонмард офарида шуда буд, макони девони сиёҳ ва мору аждаҳо қарор дод. Ҳар шаб аз сӯйи баҳр садоҳои гуногун омада, дар дили Кайҳонмард ва аҳли оилааш бим меангехт. Писари Кайҳонмард – Сиёмак бар зидди Аҳриман ба набард бархост, вале Аҳриман ӯро нобуд кард. Сипас наберааш Ҳушанг бо бобояш бар зидди Аҳриман сар бардошта, ӯро нест кард ва одамонро аз ҷанги бадкирдор халос карданд.

Ватани Кайҳонмард баҳри Дутоия баъд аз ин воқеа дуранга шуд. Оби тозаву шаффофи болои баҳр, ба хотири Ҳушанг яшмфом, оби поён чун палидиҳои Аҳриман сиёҳфом гардид. Худи Аҳриман аз ноомади кори худ дарғазаб шуда, пора-пора гардид ва ба заррачаҳои пароканда табдил ёфт.

Бо маслиҳати Ҳурмузди поксиришт Кайҳонмард замини навофаридаро Ориё ном ниҳод ва насли худро ориёӣ ба забон гирифт. Ӯ подшоҳии худро дар рӯйи замин давом дода, насли ориёнро идома бахшид. Писарону духтарон, набераҳову абераҳояш зиёд шуданд. Худаш ҳеч гоҳ аз кор намемонд. Заминро обод кард. Одамонро ба меҳнат одат кунонид. Фарохнои ориё қад-қади Ому аз кӯҳистону боғистон гузашта, то ба биёбонҳову бешазорҳо, укёнусу пиряхқуллаҳои тавоно доман густурд.

Кайҳонмарди ҷасуру тавоно наберааш Ҳушангро хеле дӯст медошт ва доимо ҳамроҳи худ мегирифт. Боре дар шикор онҳо ҳайвони ваҳшиеро шикор карданӣ шуда, сӯяш санг партофтанд. Санг на ба ҳайвон, балки ба санг зада, шарора аз он парид. Аз шарора оташ фурӯзон шуд. Кайҳонмард чӯби оташинро гирифта сӯйи ҳайвонҳои калони ваҳшӣ давид. Хирсу шер ва бабрҳои ҷангалӣ аз ӯ тарсида гурехтанд. Паланги ваҳширо шикор кард ва аз пӯсти он барои худ ва аҳли оилааш либоси гарм омода кард. Ҳамин тавр Кайҳонмард либоси баргиашро ба пӯсти паланг иваз намуда, байни хешу ақрабо бо номи шоҳи палангинапӯш машҳур шуд. Бо мурури вақт онҳо ҳама либосҳояшонро ба чарм ва пӯсти паланг иваз кардаанд.

Оташро ба ғорҳояшон даровarда, гирди он ҷамъ мешуданд, ба шарафи Ҳурмузди накӯкор, ки Кайҳонмардро офарид, гоҳе суруд мехонданд, ки номи «Гоҳҳо»-ро гирифт. Дуоҳои нек мекарданд. Чун оташро баҳорон, вақти баробар будани шабу рӯз, пайдо карда буданд, ба шарафи он иде ташкил доданд, ки бо Наврӯз мегузаронидагӣ шуданд. Шабу рӯзи наврӯзӣ сӣ малак, сӣ рӯз ба хонаи ориёиҳо омада, нури чароғро гиронда, ба кӯдакони онҳо хӯрданиҳои гуногун хадя мекарданд. Одамон бо ҳафт хел таом, ҳафт рӯз сари хон ҷамъ омада, рӯйи оташдон хӯроки наврӯзӣ – суманак мепухтанд. Бо хости Худо дар рӯзи наврӯзӣ шабу рӯз, ки давоми сол нобаробар буд, 12 соатӣ шуд. Ана ҳамон рӯз сӣ малаки осмонӣ, ки солро ба 12 моҳ тақсим карда буданд, ба хонаи мардум омада, ба онҳо аз сабзаи гандум пухтани суманакро ёд доданд. Одамон гирди оташ ҷамъ омада, гарм мешуданд, аз равшании он баҳра мебардоштанд, пирон дар нӯги чӯбак пахта печонида, ба равған мезаданду оташак дардода, дуоҳои нек ба забон меоварданд. Оташро парастиш мекардагӣ шуданд.

**(Давомаш дар саҳ.4).**

# ОБРАЗИ ПАДАР ДАР «ЁДДОШТҲО»-И АЙНӢ

Падар бузургтарин ва меҳрубонтарин шахс дар ҳаёти мост. Сутуни хонадон аст. Мо бояд падари худро эҳтиром кунем ва нагузорем, ки ғамгин шавад. Дар баъзе оилаҳо дар баробари фарзандони хубу тарбияёфта фарзандоне ҳастанд, ки бо рафтори бад на боғ, балки доғи падару модар мегарданд. Дар бораи падар чӣ қадар ҳарф занем, кам аст. Садриддин Айнӣ дар қисми якуми «Ёддоштҳо»-и худ дар бораи падараш маълумоти мукаммал додааст. Албатта, дар симои падари Айнӣ мо хислатҳоеро мебинем, ки дар падари мо низ дида мешавад. Шахсан ман, ҳангоми хондани ин асар аксари хислатҳои падари худро дар падари ӯ дидаам. Аввалан, падари Айнӣ – Саидмуродхоҷа шахси бофазлу босавод буд. Як муддат дар мадрасаҳои Бухоро мударрисӣ ҳам кардааст. Дар ин бора худи ӯ чунин гуфтааст:

«Ман барои хондан ишқу ҳаваси бисёр доштам, бинобар ин, намехостам, ки хонадор шуда аз хондан боз монам. Аммо дидам, ки падар ва модарам пир шудаанд ва баъд аз ин бе ёрии ман зиндагониашон душвор аст, ночор ин корро қабул кардам. Тобистон бо модарам дар Соктаре истода деҳқонӣ карда сардарахтиҳоро меғундоштем ва дар зимистон дар деҳаи Маҳаллаи Боло бо падар зиндагонӣ карда, чархиосиётарошӣ ва бофандагӣ менамудам. Лекин бо ҳамаи ин шавқи хонданро ҳеч аз ёд набаровардам: «Мо худ нарасидем, ту шояд бирасӣ» – гӯён тағоят – Мулло Деҳқонро, ки ҳарфшинос буд, дарсҳои ибтидоӣ хонондам ва якчанд нафар бачагони деҳаро саводхон карда, ҳамаашонро ба Бухоро бурда, дар мадраса ҷойгир кунондам. Тағоият хонданро давом кунонд, аммо дигаронашон, баъд аз ду-се сол дар мадраса истодан, ба саҳро баромада, ҳар кадом дар деҳе имом шуда мардумфиребиро ривоҷ доданд. Меҳнатҳои ман сӯхт». [Саҳ. 12]

Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки падари Айнӣ шахси илмдӯст, адабиётпарвар ва инчунин ҳунарманд будааст. Вай, бо вуҷуди илмдӯст буданаш, ба чархиосиётарошӣ ва бофандагӣ сарукор доштааст. Дар бораи ҳунармандии ӯ Айнӣ чунин менависад:

«Дере нагузаштааст, ки аввал модари падарам ва баъд аз ду сол падараш вафот карданд. Аммо падарам баъд аз сари онҳо ҳам истиқомати дуҷоягиро тарк накардааст – тобистон дар Соктаре бо деҳқонӣ ва бофандагӣ машғулӣ намудааст ва зимистон дар Маҳаллаи Боло бо чархиосиётарошӣ ва бофандагӣ. Бофандагии падарам фақат барои пӯшок ва кӯрпа-болишти хонавода буда, чархиосиётарошӣ барои фурӯш буд». [Саҳ. 13]

Чи хеле ки дар боло таъкид кардем, падари Айнӣ илмдӯст буд. Азбаски худ ба мақсад нарасид, мехост фарзандонашро соҳибилм кунад. Аз ин лиҳоз, нисбат ба фарзандонаш сахтгир буд. Чунончӣ, яке аз суҳбатҳои ӯ бо писари калониаш – Муҳиддинхоҷа собити ин гуфтаҳо шуда метавонад:

**(Давомаш дар саҳ.4).**




# ОБРАЗИ ПАДАР ДАР «ЁДДОШТҲО»-И АЙНӢ

(Аввалаш дар саҳ.3).

«Акаат ҳеч ҷой намеравад, ӯ дарсҳои якҳафтагиашро такрор карда, аз ёд накардааст. То ҳамон дарсҳояшро ёд карда, аз пеши ман нагузаронад, ман ӯро на ба тамошо ва на ба бозӣ – ба ҳеч ҷо рухсат намедиҳам. Худат равӣ, майлат, – гуфт». [Саҳ. 28].

Падари Садриддин одами бофарҳанг аст. Ба Саъдӣ, Ҳофиз, Бедил, Соиб ва Исо эҳтироми баланд дорад ва ҳамеша фикрҳояшро бо мисолҳо аз ашъори онҳо тақвият медиҳад. Падар одамони золим ва муфтхӯру фиребгарро девсор меномад ва аз онҳо эҳтиёт шудани мардумро бо ин суханони Саъдӣ қувват мебахшад: »Дев бо одам наёмезад, матарс, бал битарс аз одамони девсор».- [Саҳ. 51].

*Намак дар комҳо ширинтар аз шаҳду шакар гардад,*
*Ҷигарҳо хун шавад, то як писар мисли падар гардад.*
*Падар аз шавқи дил дар кӯдакӣ дасти писар гирад,*
*Ба умеде, ки дар пирӣ писар дасти падар гирад.*

Оре, ҳар падар мехоҳад, ки писараш дар вақти пирӣ асои ӯ шавад. Аз ҳамин нуқтаи назар дар даврони кӯдакию бачагии фарзандонаш, падар кӯшиш менамояд, ки писараш соҳиби илму дониш, касбу ҳунар ва як шахси ҳалолкор шавад. Дил орзу дорад, ки фарзандаш дар оянда шахси бузург шуда, ба халқу Ватани худ содиқона хидмат кунад.

Падар сахтгап бошад ҳам, меҳрбон, ғамхор ва дуогӯй мебошад. Падари Айнӣ ҳам аз ҳамин қабил падароне мебошад, ки барои тарбияи фарзандонаш кӯшиш мекард. Шояд ӯ ин тавр намекард, Айнӣ инсони бузург намешуд. Инак, боз як панди дигар:

– Баъд аз ин ҳар чизро, ки мебинӣ, бо диққат зеҳн монда нигоҳ кун, ҳар гапро, ки шунавӣ, бо диққат гӯш андоз ва агар касе ба ту чизе гӯяд, ё коре фармояд, фаҳмида бошӣ ҳам дубора пурсида ба ёд гир. Ва эҳтиёт кун, ки гап аз ёдат набарояд. Аммо ҳеч гоҳ дурӯғ нагӯй, ки ҳам шарманда мешавӣ, ҳам бадном. Ҳоло ту гунохдор: якум он, ки гапи таъинкардаро аз ёдат баровардӣ, дуюм он, ки ба ҷойи он гапҳо аз худ дурӯғ гуфтӣ. Агар ҳамон вақт ту «гапҳои таъинкардаашонро фаромӯш кардаам» мегуфтӣ, ман туро ба пеши ин кас шарманда намекардам. Рав, бозӣ кун!» [Саҳ.130].

Падар танбеҳ кунад ҳам барои раҳнамоии фарзандаш мекунад. Фарзанди бад доғи падар, вале агар ӯ хислатҳои бади худро партофта ба суханҳои падар ва калонсолон гӯш кунад, метавонад боғи падар шавад. Фарзандоне ҳастанд, ки ба падар дӯғу даранг карда, ӯро дашном медиҳанд, меҳру муҳаббати ӯро қадр намекунанд. Шоир беҳуда нагуфтааст:

*Ба пирӣ хидмати модар, падар кун,*
*Ҷавонию ҷунун аз сар бадар кун.*
*Мазан таъна бар эшон аз дили сер,*
*Ки гар ёбӣ замон, гардӣ ту ҳам пир.*

Мехоҳам дар ин ҷо ҳикоятеро биёрам:

Рӯзе фарзандон ба падар гуфтанд:

– Падар, шумо шабҳо хуррок мекашед, намемонед, ки мо бароҳат хоб кунем.

Падар лабханде зада гуфт:

– Не, фарзандҳоям, ман хуррок намекашам.

Фарзандҳо асабӣ шуданд ва ба ҳуҷраи худ рафтанд. Шаб хостанд, ки садои хурроки падарашонро дар телефон сабт кунанду саҳар ба падарашон собит намоянд, ки ӯ хуррок мекашад. Шаб шуд, онҳо хурроккашии падарро сабт намуданд. Субҳ хостанд, ки ба назди падар дароянду собит кунанд, ки ӯ хуррок мекашад, аммо, сад афсӯс, ки падар аз олам гузашта буд.

Дар ҳақиқат, вақте ки хурд будем, ба мо савол медоданд, ки падаратро дӯст медорӣ ё модаратро? Мо «модарамонро» мегуфтем. Зеро модар бисту чор соат ҳамроҳи мо буд. Намедонистем, ки падар берун аз хона барои мо чӣ қадар заҳмат мекашад. Падари Айнӣ ҳам то охири умр талош мекунад, ки фарзандонашро фозилу доно ба камол расонад, вале умр вафо намекунад.

Саидмуродхоҷа образи падарест, ки бо меҳнати ҳалол, ростқавлӣ, инсондӯстӣ ва поктинатӣ дар байни аҳолӣ эътибори баланд дорад ва писарони худро дар ҳамин рӯҳия тарбия менамуд. Суханҳои пандомези падар ба Садриддин таъсири бузург бахшиданд, меҳру муҳаббати ӯро бо шеър, ба каломи бадеӣ зиёд намуданд ва ӯро ба ҳалолкорӣ, меҳнатдӯстӣ ва ростӣ даъват намуданд. Васияти падар пеш аз марг муҳимтарин дастури зиндагии минбаъдаи Садриддин гардид: «Хон! Дар чӣ гуна душворӣ бошад ҳам, хон! Лекин қозӣ нашав, раис нашав, имом нашав! Агар мударрис шавӣ, майлат!» [Саҳ. 149].

Бале, падар шаҳсутуни хона, дару дарвозаи кошона аст. Ман аз навиштаҳои устод Айнӣ ба хулосае омадам, ки падар дар ҳаёти фарзанд шахси бебаҳост ва ҷойи ӯро ҳеч кас гирифта наметавонад. Пас, биёед, падаронро эҳтиром намоем. Боғи падар шавем, на доғи падар.

**Х. ҲАБИБУЛЛОЕВА,**
**донишҷӯйи гурӯҳи журналистикаи ДДС.**

*Санҷиши қалам*

## ВАТАН

*Дӯст медорам туро,*
*Ӯзбекистони азизам – кишварам.*
*Хушдилу озод ҳастам дар барат,*
*Мисли он, ки дар канори модарам.*

*Ту маро ғамхорию ман ҳам туро,*
*Эй Ватан, эй модари меҳрофарин.*
*Хонаи уммедҳои мо туӣ,*
*Эй умеди аввалину охирин!*

## ҲАМЕША ТУ БО МОЙ

*(Ба ёди Фарангис)*

*Фарангисҷон, куҷоӣ,*
*Чаро наменамоӣ?*
*Сумкахарӣ, о, равем,*
*Ба шаҳраки Навоӣ.*

*Мо туро пазмон шудем,*
*Дугонаҷон, дугона.*
*Дар байни мо ту будӣ,*
*Духтараки ягона.*

*Мерақсидӣ дар боғча,*
*Куртаи атлас дар бар.*
*Рақсат басе зебо буд,*
*Дар ҳавои «Тановар».*

*Биё, ба мактаб равем,*
*Бо Мижгону Сарвиноз.*
*Парисою Таҳмина –*
*Дугонаҳои ҳамроз...*

*Фарангисҷон, куҷоӣ,*
*Чаро наменамоӣ?*
*Ун дунёт шавад обод,*
*Ҳамеша ту бо моӣ.*

**Сайёра МУРОДОВА,**
**мураббӣ.**
*Деҳаи Эҷи*
*ноҳияи Нурато.*

*Тазоди зиндагӣ*

## ҚИСМАТИ ИНСОНҲОИ ХУШБАХТ – ЯК ХЕЛ

Маънии инсони хушбахтро ҳар кас ҳар хел мефаҳмад. Яке осоиштагиву саломатиро бахт донад, дигаре дороиро.

Агар мо аз таҳти дил ҳаёти худро беҳтар намудан хоҳем, аз ӯҳдаи ин кор мебароем. Муҳимаш он аст, ки мо ба қобилиятамон бовар кунем. Беҳтараш, тамоми фикрҳои носолимро аз сарамон дур андохта, оқилона фикр ронем. Ин ҳолати ботинӣ моро тамоман дигар карда, дар диламон оташи умед меафрӯзад.

Мушкил бошад ҳам, бояд роҳи дурусту ҳалол ба мақсад расиданро пайдо кунем.

Мо бояд соҳиби фикри мустақил бошем, ки танҳо дар натиҷаи ҳалли мушкилоте даст медиҳад. Мушкилот ҳастанд, ки моро бинотар ва донотар мекунанд. Мегӯянд, ки барои ба навъи аъло табдил ёфтан, зар дар оташ обутоб меёбад.

Аз ин рӯ, агар мо хушбахт шудан хоҳем, бояд мисли тилло бошем, дар оташи зиндагӣ обутоб ёбем.

Шуури мо мисли замини ҳосилхез аст, агар дар он тухми дӯстиву муҳаббат ва накӯкориро кишт накунем, дар ин марз алафҳои бегонаи бадбахтӣ бирӯянд.

Аз куҷое шунида будам: «Қисмати одамони бадбахт ҳар хел мешавад, вале қисмати инсонҳои хушбахт - як хел».

**Гулчеҳра ҲАЛИМОВА,**
*шаҳри Самарқанд.*

# ЧАНД СУХАН ДОИР БА САНЪАТИ МЕЪМОРИИ АҶДОД

Зебоишиносии меъмории миллӣ, аз ҷумла меъмории Самарқанд, решаҳои хеле бостонӣ дорад. Донишмандони таърихи меъморӣ дар аксари мавορид меъмории таърихии моро исломӣ мавсум кардаанд. Ин фикри хеле густаришёфтаи онҳо хатост. Зеро аз осори Наршахӣ, Берунӣ маълум мегардад, ки дар шаҳрҳои бостонии сарзамини ниёгони мо то ислом меъёрҳои меъмории миллӣ шакли комил ба худ гирифта буданд. Ва баъд аз фатҳи Бухорову Самарқанд масҷидҳо дар асоси ибодатхонаҳои тоисломӣ бо масолеҳи онон сохта шуданд. Дар он ибодатхонаҳои тоисломӣ сутун аз муқаддасот маҳсуб мешавад. Онро дар шаклҳои зебо кандакорӣ ва наққошӣ карда, дар сарашон тасвири Худоро насб мекарданд. Ин сутунҳои кандакории кӯзагулсуроб ё худ сарвшакл мерос аз он замонҳост. Ҳатто унсурҳои дигар, мисли болори пуштимоҳӣ низ. Ба ёд биёред таваҷҷӯҳи Зардуштро ба моҳӣ. Ба ҳамин сабаб камина дар иморати миллӣ ҷой додани сутунҳои шаклан дигарро хилофи анъанаҳои миллӣ меҳисобам.

Баъзан мебинем, ки дар пеши иморатҳои калон сутуни румиро гузошта, аммо ороиши даруниро тоҷикӣ кардаанд. Ин тарзи иморат эклектика аст ва аз завқи паст гувоҳӣ медиҳад.

Калимаи меҳроб пеш аз ислом дар кишвари мо буд. Дар ҳар як хонаи ниёгони мо меҳроб буд ва дар он ҳайкалчаҳои Худо меистод.

Баъди вуруди ислом ҳамин гуна шакли меҳробсозӣ танҳо дар масҷидҳои исломӣ идома мекунад. Абулмаонӣ Бедил навиштааст, ки ҳар як шакл ба маънои он ишора мекунад.

Амиқ фаҳмидани арзишҳои меъмории миллӣ шарти асосии худшиносии миллӣ мебошад.

Вақте тифли тоҷик дар гаҳвора чашм ба шифт мекушояд ва дар он болору вассаҳои нақшин ва шакли қабзафурӯмонро мебинад, зебоишиносии ӯ ташаккул меёбад. Агар ба ҷойи ин шифти бетонии суфтаи сафедро бинад, аз ӯ чиро бояд интизор шуд?

Дар Самарқанд ва Бухоро ҳанӯз иморатҳои қадимӣ ҳастанд. Онҳо дар асоси таҷрибаи бисёрсолаи ниёгони мо эҷодкорона офарида шудаанд.

Масалан, имрӯз кӣ медонад, ки мадонро дар даруни иморат ба кадом мақсад месохтанд? Чаро деворҳо чӯбкории дусинҷа буд, яъне ба мисли термос? Чаро он иморатҳо ба зилзилаи сахт тобовар буданд? Чаро тирезаҳо аз рӯйи замин сар мешуданд?

Мақоми сутун дар меъмории миллӣ шоистаи тадқиқот, пажӯҳиши илмии академикӣ аст. Решаҳои он дар он минтақаҳо, ки ба мисли Бадахшон ва Яғнобанд, ҳанӯз боқӣ мондаанд. Дар бораи яке аз чунин сутунҳо, ки дар Яғноб мардуми Суғд аз он иҷрои орзуи худро мекардаанд, ба ман шевашинос, раҳматӣ, Баҳром Бердиев нақл карда буданд.

Маънии калимаи бағдодӣ, ки дар ибораи дари бағдодӣ машҳур аст, ба таъбири донишманди таърихи меъморӣ Пӯлод Зоҳидов суғдист. Яъне бағ ба маънои Худо омадааст ва дар замонҳои тоисломӣ дар ин дарҳо тасвири Худоро насб мекардаанд.

**Адаш ИСТАД,**
**нависанда.**



*Аз қадимулайём дар ноҳияи Бойсуни вилояти Сурхондарё санъати ҳунармандӣ рушд ёфтааст.*

*Аҳолии маҳаллаҳои Пойгабошӣ, Ҳунармандон, Пасурхӣ, Кӯчкак, Ширинобод, Бибиширин, Шӯрсой ва Газа бо ҷомадӯзӣ, тоқидӯзӣ, кашидадӯзӣ, оҳангарӣ, кулолӣ ва ғайра машғул мебошанд.*

*Фирӯза Холиқова намояндаи авлоди сеюми сулолаи ҳунармандон ба шумор меравад. Асрори касбро дар 15-солагӣ аз момою модараш омӯхтааст. Фирӯза бо услуби замонавӣ кашида ва бисер медӯзад ва бино ба анъанаи «устоду шогирд» ба зиёда аз 50 нафар шогирдони худ касб меомӯзад.*

***Дар сурат:** ҳунарманд **Фирӯза Холиқова***

***Суратгир:***
***Ҷ. ҚӮЗИМУРОДОВ. (ЎзА).***

*АЗ ҲАЁТИ АДИБОН*

## ФРАНС КАФКА

Нависандаи машҳури фаронсавӣ Франс Кафка дар зиндагӣ инсони бебарору баргаштабахте буд. Ӯ пеш аз маргаш васият карда буд, ки тамоми навиштаҳояшро бисӯзонанду маҳв кунанд. Аммо дӯстонаш ин васиятро иҷро накарданд ва осори Кафка, баъди вафоташ, дар саросари офоқ интишор ёфту машҳур шуд.

Таҳияи **А. КОМРОН.**

# КАЙҲОНМАРДИ ПАЛАНГИНАПӮШ

(Аввалаш дар саҳ.3).

Дар кӯҳистон лаълу сим зиёд буд. Одамон аз чарм халта дӯхта, лаълу симҳоро гирифта ба заминҳои поён мефаромадагӣ шуданд. Ба онҳо ситораҳои осмон роҳнамо буд. Ба ҳафт кишвари поён пайроҳаҳо кушода шуданд. Баъд аз ин, ҳар рӯзи ҳафта ба шаҳрҳои калони ягон самт одамон фаромаданро ёд гирифтанд. Рӯзи якшанбе ба Чину Мочин, рӯзи душанбе ба Ҳисору Бохтар, сешанбе ба Ҳинду Синд, чоршанбе ба Ҳамадони Мод, панҷшанбе ба Чочу Мароқанд, панҷшанбе ба Марву Таҷан, ҷумъа ба соҳилҳои баҳри Хазар, шанбе ба Давану Хуҷанд ориёиён рахти сафар мебастанд. Аз ин боис ҳафт рӯзи мусофирати ориёиёнро, ки ҳафт ситораи осмон ба сӯйи ҳафт кишвар роҳбаладӣ менамуд, ҳафта меномидагӣ шуданд.

Ҳамин тавр солҳо гузаштанд. Кайҳонмард пир шуд ва аз кӯҳҳо фаромада дар яке аз ғорҳои кӯҳии дарунаш гарму берунаш зебоманзар ҷой гирифт. Ӯ, ки шикорро дӯст медошт, ҳар рӯз ба шикор мебаромад. Баъд дар макони интихобкардааш, ки обу ҳавои хеле дилнишин дошт, оромона истироҳат мекард. Баҳорон бошад, боз ба ватанаш – соҳилҳои баҳри Дутоия, ки имрӯз онро қирғизҳои маҳаллӣ Кӯли Сиёҳ (Қарокӯл) меноманд, рафта зиндагониашро идома медод. Наздикии кӯл фарзандонаш барои ӯ хонаву ҷойи беҳтарин сохта буданд. Лекин оби Дутоия дигар нашуд. Боло яшмфом ва поён сияҳфом боқӣ монд.

Аз ҳамон даврҳо вақти хеле зиёд сипарӣ гардид, лекин урфу одатҳои ориёиҳои оташпараст, ки дар дини зардуштӣ дертар сабт гардид, абадӣ боқӣ монд. Оташи он вақт кашфгардида, то ба имрӯз ба одамон хидмат мекунад ва ба шарафи кашфи он рӯзи Наврӯзро оташпарастони олам қайд мекунанд. Ҳафтаро низ халқҳои гуногун аз ориёиҳои қадим қабул кардаанд. Моҳ низ ба шарафи сӣ малак сирӯза аст. Ситораи ҳафтдодарон ба ҳафт кишвар аз қуллаи Боми ҷаҳон роҳ кушодааст. Ҳафт сайёра, ки ситораи ҳаштумро бо номи Замин офаридаанд, вирди забони мардумони ориён ва ориёншудаҳои ҷаҳонанд.

Макони баҳории Кайҳонмарди палангинапӯш бошад, имрӯз бо номи Селунғор, маскани писараш Ҳушанг бо номи Ҳушёр ва қадами аввалини одамин нахустин ба ин ҷойҳо чун Қадамҷой ном гирифтааст. Номи худи Кайҳонмард бошад, бо мурури вақт чун Каюмарс дар забони халқҳои гуногун монд.

Пайроҳҳои Кайҳонмарди палангинапӯш то ба имрӯз мавҷуд ҳастанд. Чун роҳи қуллаҳои сарбафалаки Боми Ҷаҳон ҳамеша сап-сафеди барпӯш буданд, ҳар касеро, ки аз поён ба боло азми сафар мекард, бо ибораи «Роҳи сафед» гусел мекарданд. То ба имрӯз байни мардумони ориённажод ибораи «Роҳи сафед» чун роҳи Кайҳонмарди палангинапӯши оташпараст боқист.

**Зебунисои БАҲОДУР.**

*Ҳикояҳои кӯтоҳ*

### НАВБАТ

— Модарҷони ман!

— Не!!! Модарҷони ман!

Барои модар бо ҷидду ҷаҳд талош кардани наберагони худро дида, дар чашми момои Ҳалима ашк ҳалқа зад. Фирефтаи сад хаёл, ки менишаст, аз садои ногаҳонии писараш як қад парид:

— Оча, рафтем. Келинатон чизҳоятонро ҷамъ кард. Ин моҳ навбати бародарам...

**АРҶМАНДБЕГИМ.**

### ДУ НИЯТ

Беш аз даҳ рӯз буд, ки писарак дар бемористони бемориҳои сироятӣ мехобид. Даҳ рӯз боз ба чашмони ҷавонзане, ки дар сари болини фарзандаш менишаст, хоб намеомад. Интизори шунидани як сухани умедбахши шифокор буд ӯ.

Дили духтури солхӯрда ба ҳоли модар сӯхт ва яъсомез гуфт:

– Писарак хеле хаста шудааст. Охирин чора ба вай гузарондани хун аст. Агар ин ҳам натиҷа набахшад, пас мо ноилоҷем...

– Ба ҳар чӣ розиям. Фақат фарзандам сиҳат шавад, – зорӣ кард модар.

Баъд аз ду соат аз хуни модар ба фарзанд гузаронданд. Чораи охирин кор омаду кӯдак шифо ёфт.

Аз байн сию панҷ сол гузашт. Шифокор ба долони беморхона баромада, ба фарзанд рӯ оварда:

– Беморӣ модаратонро хеле заиф кардааст. Мо ҳама кореро, ки аз дастамон омад, кардем. Ин тарафаш – умед аз Худо.

Аз суханони духтур ранги рӯйи фарзанд докавор сафед шуд ва илтиҷоомез гуфт:

– Духтурҷон, ягон илоҷ кунед. Баъди як моҳ тӯйи духтарам. То гузаштани тӯй намурда истанд...

**Ҳусния ПАРДАЕВА.**

### МОҲИЯТ

Гуфт:

– Ман занҳоеро, ки китоб мехонанду худро зиёӣ вонамуд мекунанд, дӯст намедорам!

Гуфтам:

– Чаро?

Гуфт:

– Чунки онҳо файласуф мешаванд. Бисёр ҷанг мекунанд. Ба шавҳар итоат намекунанд. Зани одии дорои дониши миёна хуб аст!

Гуфтам:

– Шумо аз зани оқила наметарсед, балки аслан аз ҳамон айбҳои худ метарсед, ки зани боақл фош мекунад!

**Абдулқодири САМАРҚАНДӢ.**

### НАСИБА

Дар пушти тиреза сояи касе намоён шуд.

– Бобои Ашраф, – гуфт Ойҷамол. – Чӣ мекунем?

Зану шавҳар ҷигаркабоб мехӯрданд. Эгамқул рӯяшро турш карда гуфт:

– Ба ош пашша афтод, – ва илова кард:

– Пинҳон кун.

– Худаш чашмамон мепарид. Дар шаб ҳам ором намешинад ин бобой, – гуфт Ойҷамол ва ҷигаркабобро пинҳон кард. Дар боз шуду дар даст лаълие пирамард даромад.

– Кампир оши палав пухта буд, – гуфт ӯ. – Хостем бо шумоён ба ҳам бубинем.

### ҲИКОЯИ БЕНОМ

Садои занги дар баланд шуд. Лайлӣ дарро кушода, марди мастеро дид, ки мувозинаташро гум карда буд.

– Ҷонакам, ман...

– Дафъ шав!

Лайлӣ хост дарро пӯшад. Мард ба гиребонаш даст андохт. Куртаи зан дарид.

– Гум шав! Шавҳарам ояд, мекушад. Дафъ шав гуфтам.

Ҷавонзан мардро тела доду дарро сахт баст.

Пас аз чанд дақиқа дубора садои занги дар баланд шуд. «Боз омад», – аз дил гузаронд Лайлӣ.

– Сараш кафидааст, – шавҳараш дар дами дар буд ва марди мастро базӯр мебардошт. – Хун бисёр меравад. Кӯмак кардан даркор. Ба фикрам, аз зина афтодааст.

**Шоҳниёз МЕЛИБОЕВ.**

### МЕҲР

Охири фасли тирамоҳ. Ҳаво сард буд ва шамоли сарсарӣ мевазид.

– Модарҷон, биёед, поятонро шӯем, – хоҳиш карданд бародарон.

– Оббо, боз ҳамин кор.., – норозиёна гуфт модар. – «Тирнет» бароmaду бало шуд. Осоишам халалдор шуд.

– Не нагӯед, модарҷон! – илтиҷоомез гуфтанд писарон. – Бори охир!

Модар ноилоҷ розӣ шуд.

Ҳавлӣ баромада, дар чорпоя нишаст. Писарон зуд лаганро аз об пур карда оварданд. Бародарон бо навбат пойи модарро «шуста», чорпанҷ маротиба акс бардоштанд: беҳтаринашро дар интернет хоҳанд гузошт.

«Фотосессия» анҷом ёфт ва онҳо аз кори худ мамнун роҳи хонаро пеш гирифтанд. Пойи модар дар оби сард ях карда бошад ҳам, шод буд.

– Меҳрубонони худам-а!

**Байрам ОҒА.**

**Аз ӯзбекӣ тарҷумаи**
**Ф. ФАРҲОДЗОД.**

*Овози тоҷик*

МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-528.
Адади нашр 3748. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: С. Бекназарова.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 21.40

**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.